ДАРСИ ЯКУМ

# Ҳавво – зани аввалин

**Порчаҳои Навишта барои хондан:**
Ҳастӣ 2:18-25; 3:1-24; 4:1,2,25

Мо аз қисми аввали Навишта дар бораи пайдоиши дунё, одамизод ва халқҳо якчанд маълумот пайдо мекунем. Боби 1 ва 2-юми китоби Ҳастӣ дар ин бора маълумот дода ҳикоят мекунад, ки чӣ гуна Худо дунёро офарид. Инчунин Сухани Худо оиди ба дунё ворид шудани гуноҳ нақл мекунад (боби 3). Дар ин бобҳо принсипҳои асосии Худо ва нақшаи Ӯ барои мард ва зан дида мешаванд.

## Ду намуд одам

Худо Одамро аз хоки замин офарид (Ҳастӣ 2:7). Ҳангоме Худо ба наздаш ҳайвоноти бисёреро овард, барои вай ёрдамчии муносибе ёфт нашуд (Ҳастӣ 2:20). Сипас Худо Одамро ба хоби гарон гузошт ва аз якеи қабурғаҳои вай занро офарид (Ҳастӣ 2:21,22). Аз Навишта мо медонем, ки барои Худо ба воситаи сухан чизе офаридан як чизи осон аст. Худо оламро ба воситаи сухани Худ офарид (Ҳастӣ 1:3,14). Худо барои офаридани мард хок ва барои офаридани зан қабурғаи мардро истифода бурд. Аз ин аён мегардад, ки мард ва зан гуногун офарида шуда бошанд ҳам, арзиши якхела доранд. Фарқи онҳо на танҳо аз ҷиҳати намуди берунист. Мард назар ба зан андешаронӣ, рафтор ва

ҳиссиёти дигар хел дорад. Вале ин маънои онро надорад, ки хусусиятҳои мард назар ба хусусиятҳои зан беҳтар ё бадтаранд. Аммо ин фарқ одатан боиси нофаҳмиҳои бисёри байни заву шавҳар мегардад.

Мард аз хок офарида шуда буд. Андешаронии мардон бештар заминист, чунки онҳо ба ҳама чиз сарфакорона назар карда, сипас амал мекунанд. Вале, бо вуҷуди ин, мард ба хатар аҳамият намедиҳад ва бе муҳаббат, қатъӣ қарор қабул мекунад.

Зан аз қабурғаи мард офарида шудааст. Вай одамдӯст аст. Зан бештар ба ҳиссиёт такя намуда, баъд амал мекунад ва димоғаш зудтағйирёбанда аст. Ҷинси мо дар рӯи замин вазифаҳои мо ва қисмеро аз нақшаҳои мо муайян мекунад. Хусусиятҳои мард дар ҷараёни меҳнат (меҳнати саҳро, сохтмон, роҳбарикунӣ дар ҷамоат ва ғ.) ва хусусиятҳои зан барои оила ва фарзандон фоидаовар мебошанд. Дар ҷамоат барои иштироки фаъолона имконияти бисёр вуҷуд дорад: хабар гифтани бародару хоҳарон (дар хона, беморхона, ва ғ.); кӯмак ба оилаҳои ҷавон дар нигоҳубини кӯдакон; меҳнат дар мактаби якшанбегӣ, ки албатта на танҳо кори занон аст; меҳмондорӣ, алалхусус ба бародарон ва хоҳарони бенаво ва ғайра.

## Оё ҳар ду ҷинс дорои мартабаи* якхелаанд?

Ба фикри бисёр одамон, азбаски Ҳавво аввалин шуда гуноҳ кард, вай сабабгори асосии гуноҳ ва

*Мартаба - мақом

махлуқи пастсифат мебошад. Вале чунин ақида дар Навишта асос намеёбад.

Дар Ҳастӣ 2:18 гуфта мешавад, ки Ҳавво ҳамчун мададгор барои Одам муқаррар шуда буд. Дар матни аслӣ худи ҳамин калима нисбати Худо истифода бурда шудааст: "Худованд мададгори ман аст" (китоби Забурро аз назар гузаронед). Дар ин ҳолат сухан дар бораи хизматгор ё канизе ки танҳо фармонро иҷро мекунад, намеравад. Худованд мехоҳад, ки зан такягоҳи мард бошад ва дар хастагии мард вайро дастгирӣ намояд. Инчунин ҳангоми бадхашмӣ мардро боздошта, дар фикру мулоҳиза ба вай гӯш андозад.

Аз рӯи таълимоти Навишта мавқеи роҳбарикунандаи мард бисёр аниқ аст (1Қӯринтиён 11:3). Чунин мавқеъ ҳангоми офариниш муқаррар шуда буд, зеро аввал Одам ва баъд Ҳавво офарида шуда буд (1Тимотиюс 2:13,14). Агар зан чунин тартиби мавқеъҳоро қабул накунад, оқибати он фоҷиавӣ мегардад. Чунин ҳодиса дар ҳаёти Ҳавво ба амал омад, ҳангоме ки вай мустақилона рафтор намуда, самари дарахти манъшударо хӯрд (Ҳастӣ 3:6). Мутаассифона, дар замони мо низ воқеаҳои ба ин монанд мушоҳида мешаванд. Нисбат ба вазифаи худ бемасъулиятӣ намудан ё оиди ин масъала дар канор истодани мард ҳам нодуруст мебошад. Бешубҳа, Одам ҳангоми гуноҳ содир кардани Ҳавво ҳузур дошта, ҳеҷ чиз нагуфт (Ҳастӣ 3:6). Ҳам мард ва ҳам зан вазифаи ба худ хос доранд.

Зану мард аз ҷиҳати **мартаба** фарқ дошта бошанд ҳам, **арзиши** баробар доранд. **Мавқеъ** ва вазифаҳое ки ҳангоми офариниш муқаррар шуда буданд, ба масъалаи **наҷот** дахле надоранд. Зану мард дар назди

Худо баробаранд (Ғалотиён 3:28). Шояд шумо пай бурда бошед, ки Худо барои офариниши зан устухони назди дили Одамро истифода бурд. Зан бояд на ҳукмфармо ё ҳукмбардор (ин устухони косахонаи сар ё по набуд), балки дар бари мард бошад. Худо намехоҳад, ки шавҳар нисбати занаш айбҷӯӣ намуда, вайро андӯҳгин созад, балки ба занаш паноҳ диҳад, чунки зан ба ин эҳтиёҷ дорад. Ба воситаи гуноҳ маҳорати роҳбарикунии шавҳар вайрон гашт, чунки вай гуноҳкор шуда, инчунин хато мекунад (Ҳастӣ 3:17). Вале касе ки ба Худованд рӯ оварда, дар гуноҳҳояш тавба мекунад, имконият дорад, ки бар никоҳи худ меҳнат карда, онро мисли никоҳи Одаму Ҳавво, ки пеш аз ба гуноҳ афтодан доштанд, созад.

## Никоҳ оилаи ҷудогонаро ба вуҷуд меоварад

Бисёр касон фикр мекунанд, ки барои Ҳавво оиладорӣ осон буд, чунки дар хонаи хушдоман зиндагӣ намекард. Лекин мувофиқи нақшаи Худо ақидаи оилаи ҷудогона ҳанӯз ҳангоми офариниш муқаррар карда шуда буд: "Аз ин сабаб мард падару модари худро тарк карда, бо зани худ хоҳад пайваст; ва як тан хоҳанд буд" (Ҳастӣ 2:24). Падару модари худро тарк кардан маънои аз онҳо рӯ гардондан ё фаромӯш кардани онҳоро надорад. Дар чунин ҳолат мард **масъулияти** новобаста ба падару модар қарор қабул карданро дорад ва нисбати ин амри Худо бепарвоӣ набояд кард.

Ман хушдомани хуб дорам ва ӯро бисёр дӯст медорам, вале дар як рӯзгор бо вай зиндагӣ кардан намехоҳам. Медонед барои чӣ? Бояд гуфт, ки мо муносибатҳои ҳаматарафаи самимӣ (аз таҳти дил) дошта, ба ҳамдигар маслиҳатҳо медиҳем. Вале ба ин эҳсосоти тарафайн нигоҳ накарда, ҳар яки мо мехоҳад, ки бар мард, ки барои яке писар ва барои дигаре шавҳар аст, ҳаққи бештаре дошта бошад.

Агар мард зан дошта бошад, лозим нест, ки ӯ бе маслиҳатчӣ зиндагӣ кунад. Давоми оят чунин аст: "…бо зани худ хоҳад пайваст" (Ҳастӣ 2:24). **Мард** бо зани худ хоҳад пайваст. Инак вай аз оилаашон канда шуда, бар зани худ ғамхорӣ мекунад.

Бо никоҳ оилаи нав ба вуҷуд меояд. Мард ҳангоми қабули қарорҳо на бо падару модари худ, балки бо занаш маслиҳат мекунад. Парвардигор ба Одам на модар, балки занро ҳамчун ёрдамчӣ офарид.

Ин оят бо ибораи зерин хотима меёбад: "… ва (онҳо) як тан хоҳанд буд". Ин на танҳо ягонагии ҷисмонӣ, балки маънои бештареро ифода мекунад. Одам аз тан, рӯҳ ва ҷон иборат мебошад. Хеле андӯҳовар аст, ҳангоме зану мард дар никоҳ фақат ҷисман як мешаванд. Парвардигор моро ҳамчун фарди аз се ҷавҳар иборат офаридааст. Агар бадани мо касал шавад, рӯҳ ва ҷони мо низ ҷабр мебинад. Инчунин агар одам мушкилоти рӯҳӣ дошта бошад, ӯ зоҳиран низ сиҳат нест. Бинобар ин зану шавҳар бояд ҳам ҷисман, ҳам рӯҳан ва ҳам бо ҷон бо ҳам як шаванд. Ин он вақт амалӣ мегардад, ки зану шавҳар якҷоя дуо мекунанд, Навиштаро хонда, фикрҳоро бо ҳам мебинанд, дар бораи воқеаҳои ҳаррӯза, кори худ, тарбияи фарзандон ва нақшаҳои оянда бо ҳам

маслиҳат мекунанд. Инчунин онҳо муносибатҳои зоҳирӣ доранд ва агар дар яке аз ин ҷиҳатҳо (ягонагӣ дар рӯҳ, ҷисм, ҷон) ягон хато рӯй диҳад, оила аз ин ҷавр мебинад.

Агар шавҳар боваркарда набошад, вазифаи зан боз ҳам душвортар мегардад. Дар ин ҳолат барои чунин вазифаи душвор аз Парвардигор қувват талабед.

## Мори қадимӣ

Акнун мо дар бораи ворид шудани гуноҳ ба ҷаҳон ва усулҳои шайтонро, ки ҳангоми васваса истифода бурд, хоҳем омӯхт.

1. Шайтон кӯшиш кард, ки Одаму Ҳавво ба сухани Худо **шубҳа** оваранд: "Оё Худо ҳақиқатан гуфтааст?" (Ҳастӣ 3:1).

2. Шайтон Сухани Худоро **баръакс** шарҳ медиҳад: "Не, нахоҳед мурд" (Ҳастӣ 3:4).

Шайтон махлуқи офаридашуда, яъне фариштаест, ки аз Худо дур шуда, бадхислат гаштааст (Ҳизқиёл 28:12,13). Ӯ ҳамадон нест ва ояндаро намедонад. Вале ба Навиштаҷоти Пок роҳ дорад ва онро медонад. Мутаассифона, аксар боваркардагон Навиштаро хуб намедонанд. Шайтон Навиштаро донад ҳам, онро фаҳмида наметавонад, чунки Рӯҳи Худоро надорад.

Дарахти маърифати неку бад дар боғи "Адан" барои зиёни мо шинонда шуда набуд, балки нишонаи он буд, ки оё одам ба Худо аз рӯи **боварӣ** ва **меҳр**

итоат мекунад ё не. Худо одамро офарида мехост, ки вай ба Ӯ на мисли робот, балки ихтиёрӣ ва аз рӯи меҳр боварӣ намояд.

Аз амали Ҳавво маълум мегардад, ки дониши вай оиди Худо он қадар устувор набуд. Ҳавво кӯшиш намуд, ки хатои шайтонро ислоҳ намуда, ба вай ҳақиқати сухани Худоро фаҳмонад. Вале дар Ҳастӣ 3:6 мо мебинем, ки чӣ тавр чунин амал ӯро ба доми гуноҳ меғалтонад:

1. Вай мебинад, ки мева хушрӯй аст;

2. Вай суханони шайтонро қабул намуда, бовар мекунад, ки мева дониши одамро меафзояд.

3. Вай аз мева гирифта мехӯрад.

Ҳавво инчунин меваи манъшударо ба шавҳараш низ медиҳад. Хосияти гуноҳ ҳамин аст, зеро ҳангоме мо гуноҳ содир мекунем, атрофиёни худро низ ба доми он кашида, ба ҷавр дучор мекунем. Инчунин Яъқуб 1:13-15-ро хонед.

Инчунин боре шайтон Исои Масеҳро дар биёбон озмуд. Вай се маротиба аз Навишта ишора оварда, кӯшиш намуд Исоро фиреб диҳад. Вале Исо ҳар бор аз Навишта далел оварда, ҷавоб мегуфт (Луқо боби 4).

Дар Луқо боби 4 мо мебинем, ки Исои Масеҳ ҳангоми чунин озмоишҳои шайтон чӣ тавр рафтор намуд. Худованд бо шайтон ба алоқа надаромад ва ҳар се бор аз Сухани Худо иқтибос овард.

Бо сабаби нобоварӣ ба Худо ва Сухани Ӯ шубҳа ва гуноҳ метавонад дубора ба вуҷуд ояд. Мо бояд бовари

худро дар Худо ва Китоби Ӯ мустаҳкам намоем ва ин танҳо дар ҳолате имконпазир мегардад, ки агар мо Навиштаро дӯст дорем, хонем, омӯзем ва сарфаҳм равем.

## Ҷазо ногузир аст

Худо огоҳонида буд, ки беитоатӣ ба марг меоварад. Марги рӯҳонӣ – ҳолатест бе Худо. Одаму Ҳавво чунин ҳолатро аз сар гузарониданд, зеро онҳоро лозим омад, ки боғи Аданро (ин боғ дар рӯи замин буд – Ҳастӣ 3:23-24) тарк намоянд. Марги ҷисмониро онҳо пас аз марги фарзанди аввалини худ Ҳобил фаҳмиданд ва сипас дар худ ҳис намуданд (Ҳастӣ боби 4; 5:5). Илова бар ин, Худо гуноҳкоронро ҷазо дод. Оё аҳамият додед, ки онҳо ба якдигар айб бор мекарданд. Имрӯзҳо низ занон ҳангоми зодашавии фарзанд ва ҳайз (бемории ҳармоҳаи занон) азият мекашанд. Инчунин бидуни гуноҳ тарбияи фарзандон осон мебуд.

Ба ҳар ҳол дар ҳолати ҷазо низ умед ҳаст. Худованд ба Одаму Ҳавво Наҷотдиҳандаеро ваъда медиҳад, ки мори қадимӣ, яъне шайтонро нобуд мекунад (Ҳастӣ 3:15-ро бо диққат хонед). Худо бо гуноҳ коре надорад, бинобар ин одамони гуноҳкор бо Худо муносибат дошта наметавонанд. Танҳо ба воситаи Наҷоткор – Исои Масеҳ наҷот ёфтан имконпазир шуд. Ин марҳамати Худост, ки ҳеҷ кас сазовор шуда наметавонад.

### Саволҳо ба гурӯҳ

- Шумо дар зиндагӣ байни зану мард чӣ гуна фарқиятҳоро мушоҳида мекунед?
- Зан кадом вазифаҳоро иҷро карда метавонад? Дар ҷамоат чӣ?
- Мавқеи зан дар оила, ҷамоат ва умуман чӣ гуна аст?
- Чӣ тавр зан шавҳари худро дастгирӣ мекунад ва бо он мавқеи ҳақиқии худро соҳиб мегардад?
- Шумо калимаи “мададгор”-ро дар матни Навишта чӣ гуна мефаҳмед?
- Арзиши зан чӣ гуна аст? Оё он ҳақиқат, ки аввал зан ва сипас мард гуноҳ содир намуд, ба наҷоти занон ягон хел таъсир дорад?
- Ҳастӣ 2:24-ро маънидод кунед.
- Шайтон барои фирефтани одамон чӣ гуна усулҳоро истифода мебарад?
- Мо ба васваса чӣ тавр бояд муносибат кунем?
- Ҷазои Худо ба Одам, Ҳавво ва мор чӣ натиҷа боқӣ гузоштааст, ки мо таъсири онро имрӯзҳо ҳис мекунем?

ДАРСИ ДУЮМ

# Соро – зани Иброҳим

**Порчаҳои Навишта барои хондан:** Ҳастӣ 12:10-20; 16:1,16

Иброҳим пас аз он ки одамон кӯшиши сохтани “бурҷи Бобул”-ро карданд, зиндагӣ мекард ва аз он ҳодиса то замони вай фақат як муддати кӯтоҳ гузашта буд (Ҳастӣ, боби 11). Макони зисти вай шаҳри Ур (дар Ироқи ҳозира) буд.

Худованд ба Иброҳим фармуд, ки ватани худро тарк намояд ва ваъда дод, ки аз ӯ насли бузург ба вуҷуд меоварад (Ҳастӣ 12:2). Ҳангоми тарк намудани диёри худ Иброҳим 75-сола ва бефарзанд буд (Ҳастӣ 12:4). Онҳо ба сӯи Канъон, ки баъд Исроил номида шуд, равон шуданд.

Муддати вақт байни ин ду боб қариб 10 сол аст. Бо вуҷуди он ки Худо ба онҳо насл ваъда дода буд, Сорои 65-сола ҳоло ҳам бефарзанд буд. Соро Исҳоқро ба Иброҳим дар 90-солагӣ, 25 сол пас аз ваъдаи якуми Худо зоид. Занҳои он замон назар ба занҳои ҳозира дар синну соли бештар низ фарзанд зоида метавонистанд, вале фарзанд зоидани зани 90 сола дар он замон низ як мӯъҷизаи калон буд.

## Як зани зебо (Ҳастӣ 12:10-20)

Чизи якуме ки мо дар бораи Соро мефаҳмем, он аст, ки вай бо вуҷуди солхӯрда буданаш зани хеле зебо

буд. Соро то дараҷае хушрӯй буд, ки аз ин сабаб Иброҳимро лозим меомад барои бехатарии ҷони худ тарсад (Ҳастӣ 12:12).

Навишта дар ин порчаи матн муносибати худро нисбати зебоии Соро баён намекунад, вале дар ҷойҳои дигари он оиди зебоӣ ва хушрӯӣ ақидаи Худо оварда шудааст. **Зебоии табиӣ ва хушнавоӣ ба Худо писанд аст**. Худованд ҷаҳонро бо ҳама зебоияш офаридааст (Ҳастӣ боби 1; Воиз 3:11). Навишта бисёр занҳои боваркардаеро тасвир мекунад, ки зебо буданд. Дар Суруди Сурудҳо зебоии ҷисмонӣ эътироф ва таъриф мешавад. Бояд гуфт, ки зани боваркарда, баръакси ҷаҳон, бояд на оиди зебоии берунӣ, балки ботинӣ ғамхорӣ намояд (зебу зинат дар 1Петрус 3:3). Зебоии берунӣ аз дарун бармеояд. Худованд одамро ягона офаридааст. Ҳангоме ки миёни Худо ва рӯҳи одам оштӣ нест, нигоҳи вай ғамгин буда, дар зебоии табиӣ чизе гум мекунад (Матто 6:22-23).

Боз ба ёдам он пиразане меояд, ки рӯяш пурчин буд. Вай дуқат шуда роҳ мерафт. Мӯйҳои сафедшудаи вай аз таги рӯймолаш намоён мегашт. Вале чашмонаш! Чашмони вай нуре доштанд, ки маро шармгин менамуд. Ин зан дар зиндагӣ бисёр чизро аз сар гузаронида, зебоии берунияш пажмурда гашта буд. Вале ба ин нигоҳ накарда ӯ ботинан мисли баҳор месабзид, чунки бо Худо дар сулҳ буд. Бори дигар ман дар маршруткаи пуродам ба шаҳр мерафтам. Дар роҳ ба он як зани дилрабо даромад. Ӯ дар тан куртаи зебои замонавӣ дошт ва атри хушбӯяш дар тамоми мошин паҳн мегашт. Умуман ӯ хушсурат, хуб зинат ёфта буд. Вале ҳангоме ки ӯ рӯи рангубори барзиёд молидаи худро ба тарафи мо гардонд, хушрӯии вай куҷое ғайб

зад. Намуди худписандонаву манманикунандаи вай ҳама зебоии ӯро барҳам дод. Худро пурсед, ки чӣ қадар вақтро дар назди оинаву чӣ қадар вақтро дар хондани Навишта мегузаронед?

Хониши мустақилона оиди мавзӯи “зебоӣ”: Масалҳо 11:22; 31:30; Суруди Сурудҳо 1:15; 2Қӯринтиён 4:16.

Занҳои зебо: Ҳастӣ 6:2; 24:16; Айюб 42:15. Дар ин оятҳо хушрӯиеро, ки Худо тасвир мекунад, аз хушрӯии танҳо баёншуда фарқ намоед.

## Сафар ба Миср

Ба сарзамини Канъон қаҳтӣ омад. Иброҳим ба Миср раҳсипор шуд, аммо хоҳиши дар он ҷо мондан надошт; ба ҳар ҳол ин сафар барояш нохушие овард (Ҳастӣ 12:12). Худо мехост, ки Иброҳим дар сарзамини ба ӯ фармудашуда истиқомат намуда, аз он берун наояд.

Миср бар акси сарзамини Исроил, ки ҳосилнокиаш ба борон вобаста буд, дарёи калони Нил дошт, ки саҳроҳоро бо об таъмин мекард. Ҳаёти Миср ба сарчашмаҳо вобастагӣ дорад. Навишта Мисрро чун дунёи бехудо, бо шоҳи худобехабар – фиръавн тасвир мекунад, ки он тимсоли шайтон аст. Боронҳои Исроил ифодакунандаи баракати Худо буд, ки ба ҳолати рӯҳонии он вобастагӣ дошт. Сарчашмаҳои Миср бошанд, вобастагии заминиро ифода мекунанд. Иброҳим бо занаш Соро бовар намекунанд, ки Худо барояшон ғамхорӣ мекунад ва аз пайи ҷустуҷӯи ёрӣ ба сарзамини бегона равон мешаванд (Ишаъё 31:1,3).

# Дурӯғ

Иброҳим аз занаш Соро хоҳиш мекунад, ки худро ҳамчун хоҳари ӯ шиносонад. Ин то андозае ҳақиқат бошад ҳам, вай дар айни ҳол зани Иброҳим буд (Ҳастӣ 20:12). Иброҳим бисёр канизакону чорво тӯҳфа гирифт, зеро фиръавн бовар намуд, ки вай бародари Сорост. Вале баъдтар ин ҳама, ҳам чорвову ҳам канизаки мисрӣ Ҳоҷар барояш дом ва нохушии бузургтарин гардид (Ҳастӣ боби 13 ва 16). Ба мо тасаввур кардан мушкил аст, ки зани фиръавн будан барояш чӣ гуна мушкилӣ буд. Аз як тараф итоаткории Соро ба шавҳари худ намунаи ибрат аст, вале ба ғайр аз ин ӯ дар назди Худованд ҷавобгарии санҷидани қарорҳои шавҳарашро низ дошта, бояд ба вай маслиҳат медод. Зан бояд қарорҳои шавҳарашро санҷида ба ӯ маслиҳат диҳад, зеро агарчи шавҳар шоҳ аст, зан вазири ӯст.

Ҳақиқати нопурра ва дурӯғи маҷбурӣ хоҳ нохоҳ дурӯғ ва инчунин гуноҳ аст. Иброҳиму Соро назар ба Худо аз одамон тарси бештар доштанд.

Оё шумо низ барои дар назди одамон аз вазъияти ногувор баромадан дурӯғ мегуфтед? Парвардигор чунин рафторро чӣ гуна баҳо медиҳад?

# Ҳоҷар – канизаки мисрӣ (Ҳастӣ 16:1-16)

Иброҳим Ҳоҷарро ҳам қатори дигар канизакон аз фиръавн тӯҳфа гирифт (Ҳастӣ 12:14). Пас аз даҳ соли хизмати Ҳоҷар дар хонаи хонумааш ба сари Соро

ақидае меояд (Ҳастӣ 16:3). Вай шавҳараш Иброҳимро умедвор мекунад, ки ба воситаи Ҳоҷар писардор шавад. Ҳоҷар дар тӯли хизмати дарози худ дар хонаи Иброҳим бо Худои ҳақиқии ибриёни бегона шиносоӣ пайдо карда, ба Ӯ бовар мекунад. Дар ин хусус ояти 7, ҳангоме ки фаришта бо ӯ вохӯрд, шаҳодат медиҳад. Ҳоҷар дар 86-солагии Иброҳим ҳомиладор шуд ва ин сабаби худписанд шудани ӯ гардид. Соро ҳамчун хонума ҳуқуқ дошт, ки хизматгораш нисбат ба ӯ фурӯтанона рафтор намояд, аммо Ҳоҷар мегурезад. Фариштаи Худо ба ӯ намоён шуда, мефармояд, ки бозгардад. Ҳоҷар дар ин вохӯрӣ аз фаришта ваъда гирифт, ки модари халқи бузурге хоҳад шуд.

Ҳангоме Исмоил ба синни 16 мерасад, бо модараш ба биёбон фиристода мешавад ва Худо барояшон ғамхорӣ мекунад (Ҳастӣ 21:9-21).

## Амали худсарона

Иброҳим бо ақидаи Соро барои пайдо кардани насл бе ягон шубҳа розӣ шуда, бо канизи вай ҳамхоба мешавад (Ҳастӣ 16:2,4). Дар ҳеҷ куҷои Навишта гуфта намешавад, ки онҳо барои ин қарор ҳар ду дуо карда бошанд. Барои қабул кардани қарор таассурот ё ҳиссиёт доштан ҳанӯз кифоя нест. Дар он замон Худованд бо боваркардагон бевосита сухан меронд, вале акнун мо бояд фикру ақидаҳои худро бо Навишта тафтиш намоем. Худованд вомегузорад, ки каниз ҳомиладор шавад, вале ин воқеа нишон медиҳад, ки ин на хости Худо, балки фикри шахсӣ буд (Ҳастӣ 18:10). Худо хост, ки ба Соро маҳз дар пиронсолӣ, ҳангоме ки ин аз нуқтаи назари одамӣ номумкин аст, Исҳоқро

ҳадя кунад. Фикрҳои Худо – фикрҳои мо нестанд (Ишаъё 55:9). Ин барои Иброҳиму Соро имтиҳони бовар ва барои нобоварон шаҳодат буд.

Ҳангоми хондани аниқ мо мебинем, ки акнун, бар хилофи ҳодисаи дар Миср ба вуҷуд омада, на Иброҳим, балки Соро дар амал ҷорикунандаи ақидаи худ аст. Занон ба шавҳаронашон таъсири калон доранд. Мо бояд чунин таъсирро на барои бадӣ, балки барои хубӣ истифода барем. Мо метавонем бо рафтор ва гуфтори худ шавҳарамонро ба роҳи дуруст ва ҳам ба роҳи бад равона созем.

## Оё 1+2=2 аст?

Ҳангоме ки Иброҳим бо Ҳоҷар ҳамхоба шуд, бо ин амал дузана гардид. Ҳоло ҳам мардҳое ҳастанд, ки ду ё зиёда зан доранд. Ҳангоме ки Худо одамро офарида ба ӯ зан дод, гуфт: "Аз ин сабаб мард падару модари худро тарк карда, бо зани худ хоҳад пайваст; ва як тан хоҳанд буд" (Ҳастӣ 2:24; ин оят дар якчанд ҷойҳои Паймони Навин зикр мешавад). Пай баред, ки дар ин оят шумораи "як" оварда шудааст. Чӣ хел метавонад як мард ва ду зан як шаванд? Дар мисоли Сорову Ҳоҷар мо қисми душвори чунин амалро мебинем, ки ба вуҷуд омада буд. Соро барои Иброҳим аз байни канизон Ҳоҷарро интихоб мекунад. Аз ин рӯ гумон кардан мумкин аст, ки Ҳоҷар ба Соро наздик буд. Вале сипас зода шудани Исмоил муносибати ҳар дуи онҳоро шикаст, зеро Ҳоҷар ба Иброҳим ҳамчун модари фарзанди ӯ муносибат мекард.

Иброҳим ягона боваркардае набуд, ки якчанд зан гирифт. Аз Навишта аён мегардад, ки чунин падида

бар зидди амри Худост. Такрори шариат 17:17 ҷои дигарест, ки ба як ҳамсар доштан ишора мекунад.

# Саволҳо ба гурӯҳ

- Зебоии зоҳирӣ то чӣ андоза ба мо муҳим аст?
- Мо дар куҷо мадад ҷустуҷӯ мекунем? Ҳангоми ҳалли мушкилӣ ё ташнагии рӯҳӣ мо барои маслиҳат назди нобоварон, ё назди Худо, назди бародару хоҳарон дар бовар меравем?
- Ҳангоме ки мо камбудии бародару хоҳарони худро дар бовар мебинем, оё ба ташвиш омада ба онҳо кӯмак мерасонем, ё худ онҳоро ба "Миср", яъне ҷӯраҳову хешу табори нобовар вомегузорем?
- Барои чӣ мо дурӯғ гуфтем, ё мегӯем?
- Шумо аз саргузашти Иброҳиму Соро дар Миср дар бораи ҳолати рӯҳонии онҳо чӣ фикр доред?
- Шумо дар бораи ҳолати рӯҳонии Иброҳиму Соро дар воқеаи дуюм чӣ фикр доред?
- Ба худ савол диҳед, ки шумо ба шавҳаратон ва ба дигар одамон чӣ гуна таъсир мерасонед?
- Оё Худо писари Ҳоҷарро, ҳамчун фарзанди ба Иброҳим ваъдашуда қабул кард? Чавоби худро маънидод кунед.

ДАРСИ СЕЮМ

# Ривқо – арӯси Исҳоқ

**Порчаи Навишта барои хондан:** Ҳастӣ боби 24

Иброҳим ду бародар – Ҳорон ва Ноҳӯр дошт. Ноҳӯр ҳашт писар дошт, ки номи якеаш Батуил буд. Инчунин Ноҳӯр аз зани дуюм чор фарзанди дигар дошт (Ҳастӣ 22:21-24). Навишта мегӯяд, ки Батуил Лобон ном як писар ва духтаре бо номи Ривқо дошт. Иброҳим танҳо дар пиронсолӣ фарзанддор гашт, вале бародараш дар ин вақт аллакай наберадор буд.

## Хизматгоре ки ба хӯҷаинаш вафодорона хизмат менамуд

Аз рӯи урфу одати он замон, ҳангоме ки хӯҷаин фарзанд надошт, хизматгораш вориси вай мегашт. Молу мулки Иброҳим зиёд буд ва хизматгораш Алиазари димишқӣ ба он ҳуқуқ дошт (Ҳастӣ 15:2). Мо намедонем, ки вай чанд муддат дар хонаи Иброҳим хизмат намуд, лекин медид, ки хӯҷаинаш муддати дароз бефарзанд аст. Ӯ ба хӯҷаини худ то чӣ андоза муҳаббат дошт, ҳангоме ба писари Иброҳим, ки дар мерос ҳарифи ӯ буд, аз ватани аҷдодони вай зани хуб ҷуст. Ӯ шахси аз ҷиҳати рӯҳонӣ баланд буда, ба хӯҷаинаш танҳо хубӣ мехост.

Алиазар ба иҷрои вазифа дуруст шурӯъ менамояд: арӯси хубро дар ҷое ки духтарони некӯахлоқу ботарбияро пайдо кардан мумкин аст –

назди чоҳи об меҷӯяд (Ҳастӣ 24:11-13). Инро ӯ назар ба аксар ҷавонони имрӯза, ки нисбати интихоби дуруст сахт ташвиш кашида, мутаасси-фона, дар ҳар ҷо ҷустуҷӯ мекунанд, беҳтар кард.

**Усули ӯ аввал дуо кардан ва баъд сухан рондану намунавӣ будан аст**. Одатан мо ба он моилем, ки аввал сухан меронем ва пас аз он ки ҳама чиз нодуруст шуд, дуо мекунем. Шояд хоҳиши хизматгор, ки мехост духтарро ба воситаи шутуронро об додани вай шиносад, хандаовар намояд (ояти 14). Вале набояд фаромӯш кард, ки ин духтар ба 10 шутур, ки зиёда аз 120 литр обро нӯшиданд, об дод. Чунин хизматро на ҳама духтар пешниҳод мекунад.

То обхӯрро пур кардани Ривқо хизматгор босаброна мунтазир шуд. Вай пай бурд, ки ба мақсадаш қариб омадааст, вале бо вуҷуди он хомӯш меистод. Тоқат – нисфи муваффақият аст. Мо бояд сабру тоқат, мунтазир шудан ва итоат карданро ёд гирем.

**Хизмати бомуваффақияти хизматгор бо ситоиши Худованд ба охир мерасад. Маънои ҳаёти мо дар ҳақиқат аз ҳамин иборат аст. Худованд Хӯҷаини мо буда, ба мо ягон вазифа медиҳад, ки мо бояд онро иҷро карда, ниҳоят номи Ӯро ситоиш намоем.**

## Духтари зебои аҷнабӣ

Хусусияти аввали Ривқо, чуноне ки дар бораи Соро низ хонда будем, зебоӣ буд. Падари вай ҳамчун амакбобояш Иброҳим шахси сарватманд буд. Вай бе ягон мушкилӣ ҳама меҳмонон ва даҳ шутурро ҷой дод

(ояти 25). Ривқо ба ин нигоҳ накарда, худро мартабанок тасвир намекунад ва аз чоҳ об мебардорад, ки вазифаи шахсии канизон буд. Ба шутурҳо об кашондани вай боз ҳам таъсирбахш аст. Вай некдил ва ба ёрдам тайёр аст. Дар замони мо агар зани боваркарда танбал аст ё барояш дигарон хизмат мекунанд, ин барояш нанг аст (Масалҳо 6:6).

Ривқо шахси хира набуд, вале фаромӯш ҳам намекард, ки мусофирон аз ҷониби падараш ба меҳмонӣ даъват шудаанд. Бешубҳа, вай худро аз меҳмондорӣ барканор гирифта наметавонист, зеро шаб шуда буд ва мусофирон ба ҷои хоб эҳтиёҷ доштанд (ояти 11).

Бо вуҷуди он ки падари Ривқо амакаш Иброҳимро дер боз надида буд ва, эҳтимол, танҳо акнун оиди вуҷуд доштани писари 40-солаи ӯ Исҳоқ фаҳмид, вай тайёр буд бо боварӣ ба Худо духтарашро бо хизматгор равон кунад (ояти 50). Ин ба мо ҳақиқати хурсандонаеро аён мекунад, ки ҳар ду тарафи бо ҳам хешу табор ба Худои ягона бовар доштанд. Аз ояти 3 маълум мегардад, ки Иброҳим бо оилаи худ дар байни як халқи нобовар зиндагӣ мекард, бинобар ин мехост барои писараш танҳо аз хешу табори худ зан ёбад. Шахси масеҳӣ низ бояд танҳо бо масеҳӣ ба ақди никоҳ дарояд. Рӯшноӣ (боваркарда) бо торикӣ (нобовар) чӣ умумият дорад? (2Қӯринтиён 6:14).

## Дар меҳмонии оилаи Ноҳӯр

Ин манзара ӯҳдабароии хизматгорро боз ҳам нишон медиҳад. Вай ба сафари дуру дарози тайкардаи корвон нигоҳ накарда (сафари онҳо тақрибан 700 км

буд, ки тахминан масофаи аз Душанбе то Самарқандро дар бар мегирад) қарор дод, ки аввал тӯҳфаҳоро пешниҳод намуда, баъд таом бихӯрад (ояти 33). Хизматгор ба Батуил мегӯяд, ки аз ҷониби хӯҷаинаш Иброҳим бо вазифаи махсус фиристода шудааст ва инчунин ба ӯ мефаҳмонад, ки барои чӣ Ривқо ба Исҳоқ арӯсшавандаи муносиб аст. Ҳангоме Батуил ва писараш Лобон пай бурданд, ки ин хости Худост, Ривқоро, ки эҳтимол духтари ягонаи оила буд, доданд (оятҳои 50,51). Суханронии Лобон доимо ба чашм мерасад ва шояд ин нишонаи он аст, ки то чӣ андоза ин бародару хоҳар ба ҳам наздик буданд. Хизматгор бисёр тӯҳфа медиҳад (оятҳои 22 ва 53). Ин шаҳодати он буд, ки вай на фиребгар, балки фақат хизматгори як хӯҷаини бой аст.

Лобон бо модараш мехостанд, ки Ривқо боз якчанд рӯз дар хона бимонад, вале хизматгор медонист, ки вақт танг аст (ояти 56).

Барои падару модар зарур аст, ки духтарашон бо хости онҳо розӣ бошад (ояти 58). Иброҳим ҳам пеш аз ин аз хизматгораш хоҳиш намуд, ки розигии духтарро пурсад (ояти 8).

Ин воқеа ба мо Худои сегонаро тасвир менамояд. Худо Падар (чун Иброҳим) ба замин Рӯҳи Покро (чун хизматгор) мефиристад, то барои Писари Худ (чун Исҳоқ) ҷамоатро (чун Ривқо) ёбад. Дар бисёр ҷойҳои Паймони Навин ҷамоати боваркардагон ба арӯсе монанд карда мешавад, ки домоди худро интизор аст. Ин воқеа ба мо муҳаббати бузургеро тасвир мекунад, ки Худо нисбати мо дорад. Оятҳои иловагӣ барои хондан: Ишаъё 62:5; 2Қӯринтиён 11:2; Эфсӯсиён 5:24-32; Ваҳй 19:7; 22:17.

## Саволҳо ба гурӯҳ

- Мо ба Худо, ё ин ки ба худамон хуш омадан мехоҳем? Чӣ тавр инро муайян кардан мумкин аст?
- Барои чӣ шахси боваркарда бояд танҳо бо боваркарда оиладор гардад?
- Оё мо барои ҳалли масъала, новобаста ба хурд ё калон буданаш дуо мекунем? Оё беҳтар аст, агар мо худамон мустақилона қарор қабул намоем?
- Ривқо духтари нек ва ба ёрдам тайёр буд. Оё мо худро ба иҷрои ягон вазифаи ба мо нофорам водор мекунем?
- Оё Ривқо барои бо ҳамроҳии хизматгор рафтан розӣ буд? Ҳолати рӯҳонии вай дар он лаҳза чӣ гуна буд?
- Мо медонем, ки пурра ба Худо боварӣ кардан чист? Ривқо ба ғайр аз зару зевари ородиҳанда, ки барои вай кафолати оянда буд, аз хизматгор дигар ҳеҷ чиз нагирифт. Оё мо ҳам чунин амал карда метавонистем?

ДАРСИ ЧОРУМ

# Ривқо модари Эсову Яъқуб

**Порчаҳои Навишта барои хондан:** Ҳастӣ 25:19-28; 26:34,35; 27:1-17,41; 28:7-9

Баъди вафоти модари худ Исҳоқ Ривқоро ба занӣ гирифт. Дар ин вақт вай 40-сола буд (Ҳастӣ 24:67; 25:20). Навишта дар бораи ҳаёти оилавии онҳо кам маълумот медиҳад. Дар Ҳастӣ 26:8 фақат як воқеаи кӯтоҳе (дар хонае изҳори муҳаббат кардани онҳо) оварда шудааст, ки эҳтимол, ба дуруст будани муносибатҳои онҳо ишора мекунад.

## Фарзандон тӯҳфаи Худованд

Зани Исҳоқ мисли зани Иброҳим аз бефарзандӣ азият мекашид. Мо ин ҳар ду зану шавҳарро муқоиса мекунем.

Исҳоқ ва Ривқо фарзанди аввалини худро 20 сол интизор буданд (Ҳастӣ 25:26). Соро бошад иҷрои ваъдаи Худовандро 25 сол мунтазир буд. Дар Навишта ишорае ҳам нест, ки Исҳоқ занашро барои ин сарзаниш карда бошад. Мо мехонем, ки вай, баръакс, аз Худо хоҳиш мекард, то ба занаш фарзанд тӯҳфа кунад (Ҳастӣ 25:21). Навишта дар бораи он ки Иброҳим ё занаш барои ин эҳтиёҷ дуо карда бошанд, ҳеҷ чиз намегӯяд. Эҳтиёҷоти худро ба шавҳаратон, агар вай боваркарда бошад, ошкор намоед, то ҳамроҳи вай якҷоя дуо кунед.

Набудани фарзанд метавонад ҷазои Худо бошад. Масалан, зани Довуд Микал бо ин сабаб бефарзанд монд (2Подшоҳон 6:20,23). Вале бефарзандӣ на ҳама вақт ҷазои Худост. Оид ба Соро ва Ривқо ин санҷиши бовари онҳо буд. Мо аз Навишта мехонем, ки бисёр занон муддати дуру дароз аз бефарзандӣ азият мекашиданд, вале ба ин тариқ боварашон санҷида мешуд ва сипас онҳо қаҳрамонони бузурги боварро ба дунё оварданд. Модари Шимшӯн, модари Самуил, модари Яҳёи ғӯтадиҳанда ва дигарон ба ин мисол шуда метавонад. Барои фарзанддор шудан дуо кардан ба Худо писанд буда, амали хуб аст. Имрӯзҳо бисёр мисолҳоеро овардан мумкин аст, ки Худо чунин дуоҳоро шунида, ба онҳо ҷавоб медиҳад. Худованд дуои чунин занҳоеро, ки аз сидқи дил фарзанд доштан мехоҳанд, мешунавад ва умеди онҳоро амалӣ мегардонад. Аз дигар тараф, мо набояд ба Худо фармон диҳем, ки чӣ бояд кунад. Одам метавонад ҷисман сиҳат бошад, вале Худо ба вай фарзанд надиҳад. **Чунин ҳолат боз як бори дигар нишон медиҳад, ки Худованд сарчашмаи ҳаёт аст.**

Ман як дугонаи наздикамро ба ёд меорам, ки бениҳоят кӯдаконро дӯст медорад ва чунин одамонро кам медонам. Вай мехост, ки бисёр фарзанд дошта бошад. Каме пеш аз тӯйи худам вай бо як ҷавони боваркарда оиладор гашт, ки бо чунин хоҳиши ӯ розӣ буд. Ҳеҷ чиз дар ин бахти ҷавонӣ пеши роҳи онҳоро гирифта наметавонист. Вале вай бар акси ман, ки аз Худо пайи ҳам фарзанд тӯҳфа гирифтам, то ҳол бефарзанд аст. Аз вақти оиладор шудани вай 6 сол гузашт. Ман аз хабар додани ҳомиладории чорумам ба ӯ шарм мекардам. Тафтишоти тиббӣ нишон доданд,

ки онҳо саломат буда, ҳеҷ гуна норасоӣ надоранд. Пас барои чӣ Худо ба мо фарзанд доду ба онҳо не? Оё мо хубтар будем ё бовари бештаре доштем? Ман фикр мекунам, ки не! Ҳар дуи онҳо доимо барои ин эҳтиёҷ дуо мекунанд, вале бе натиҷа.

Фикрҳои Худо аз фикрҳои мо болотар меистанд, чӣ тавр мо метавонем Ӯро фаҳмем? (Румиён 11:33,34). Чӣ гуна рӯҳбаландкунанда аст, ҳангоме боваркарда ваъдаеро дорост, ки дар ҳаёт ҳама чиз ба фоидааш хизмат мекунад, ҳатто агар ӯ инро гоҳо нафаҳмад ҳам (Румиён 8:28). Дугонаи ман фарзанд ёфта наметавонад, вале ин масъала ӯро бо шавҳараш бо ҳам як кард. Инчунин онҳо барои хизмат дар ҷамоат (хабаргирии хоҳару бародарон, ғамхорӣ ба ҷавонони оиладор нашуда, меҳнат дар дӯкони китобфурӯшӣ) вақти бисёр дошта, онро фаъолона истифода мебаранд, ки ман ҳамчун модари кӯдакони хурд ба ин кор муносиб буда наметавонам. Бефарзандиро аз дасти Падари дӯстдори осмонии худ қабул карда, мо худро аз айбдоркуниву хашм эмин медорем.

## Дугоник

Мо аз дигар ҷойҳои Навишта мефаҳмем, ки Худованд ба мо ҳама чизро ба фаровонӣ медиҳад, вале ин маънои онро надорад, ки мо бояд бепарво бошем. Худо ба Ривқо дугоник тӯҳфа кард. Исҳоқ Эсовро дӯст медошт, зеро вай сайди хуб ба хона оварда, аз он таоми олиҷаноб тайёр мекард. Ривқо бар нафъи худ Яъқуброро интихоб кард, ки қариб ҳама вақт дар хона буд (Ҳастӣ 25:28). Онҳо ба худ фарзанди дӯстдоштаашонро интихоб карданд.

Худо ҳама одамонро як хел дӯст дошта, мехоҳад, ки онҳо наҷоти худро новобаста ба нажод ва мартаба дар Ӯ ёбанд (1Тимотиюс 2:4). Ҳама одамон аз ҷониби Худо офарида шудаанд ва ин ба Парвардигор барои ҳамаи онҳоро як хел дӯст доштан асоси кофист. Дар ин масъала барои Худо фарқ вуҷуд надорад (Ғалотиён 3:28).

Вале ин маънои онро надорад, ки ҳама одамон ба даргоҳи Худованд ворид хоҳанд шуд. Чунин умедро касоне доранд, ки гунаҳкор будани худро эътироф намуда, танҳо ба воситаи Наҷотдиҳанда Исои Масеҳ наҷот меёбанд. Худо тамоми ҷаҳонро дӯст дошта, Писари Худро ба Замин фиристод (Юҳанно 3:16). Шумо сарфаҳм меравед, ки муҳаббати ҳақиқӣ ҳеҷ чизро аз ҳам фарқ намекунад?

Ба фарзандон бояд як хел назар кард. Аз байни фарзандон фарзанди дӯстдоштаеро ба худ интихоб кардани падар ё модар нишонаи сахтдилӣ ва худпарастии онҳост. Албатта ҳама кӯдакон як хел нестанд: баъзеашон тайёранд таълиму тарбияро қабул кунанд, баъзеашон хушчеҳраанд, баъзеашон нофаъол ва баъзеи дигарашон назарногиранд. Модар ва ҳам падар бояд ба ин нигоҳ накарда дарк намоянд, ки ҳар як фарзанд шахсияти ҷудогона буда, маҳз ба хости Худо офарида шудааст. Биёед ба ҳама фарзандони худ муҳаббати якхела зоҳир намоем (1Қӯринтиён 13:4,5). Агар фарзанд худро баробари дигар фарзандон дӯстдошта ҳис накунад, дар вай нисбати бародару хоҳарон, падару модар, атрофиён ва ниҳоят ба Худо муносибатҳои нодуруст инкишоф меёбанд.

Фиреби Яъқуб дар ин ҳикоя нишон медиҳад, ки фарзанди дӯстдошта ҳатто ба муносибатҳои падару

модар зарар мерасонад. Дар ин ҷо Ривқо бар зидди Исҳоқ – касе ки барояш шуда 60 сол пеш ватанро тарк карда омада буд, амал мекунад.

## Интихоби арӯс

Исҳоқ ва Ривқо, ҳар ду розӣ буданд, ки барои фарзандонашон танҳо аз хешу табори худ (рамз барои боваркардагон) арӯс ёбанд. Ин ба Эсов он қадар таъсирбахш набуд, чунки аз халқҳои дигар аллакай ду зан гирифта буд (Ҳастӣ 26:34-35; 27:46). Эсов баъд аз фиреби бародараш Яъқуб, ки ба ин тариқ баракати ӯро гирифта буд, боз як зани дигар аз авлоди Исмоил гирифт, то ин ки ба падараш мақбул ояд (Ҳастӣ 27:9).

Яъқуб барои фиреби худ бояд мегурехт, вале роҳи гурез танҳо ба Ҳоррон, назди авлоди модариаш буд (Ҳастӣ 27:43). Дар он ҷо ӯ як хешашро ба занӣ гирифт (Ҳастӣ 29:28).

Мо он чизеро ки коридем, ҳамонро хоҳем даравид (Ғалотиён 6:7). Оё Исҳоқу Ривқо ҳама вақт хоҳиш доштанд, ки ба Худои ҳақиқӣ, Худои Иброҳим пайравӣ намоянд ва ба фарзандонашон роҳҳои Худовандро омӯзонанд? Навишта дар бораи ин ҳеҷ чиз намегӯяд. Тарзи ҳаёти ғайрирӯҳонии Ривқо нишон медиҳад, ки вай ҳоло чӣ тавр роҳнамоӣ намудани Худоро кам мефаҳмид. Исҳоқ дар ҳамаи ин воқеа бефаъолиятӣ зоҳир намуд. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда Худо ваъдаи Худро, ки ба Иброҳим дода буд, иҷро менамояд (Ҳастӣ 12:2). Некии Худо ба Яъқуб дар он зоҳир гашт, ки вай ҳангоми гурезагӣ ба Ӯ бовар кард (Ҳастӣ 28:21).

# Гуноҳ муносибатҳоро вайрон мекунад

Мо муносибатҳоеро, ки бо гуноҳи Ривқо вайрон гашта буданд, бори дигар дида мебароем:

1. Муносибат бо **Худо**: Гуноҳ дар асл моро аз Худо ҷудо мекунад. Мо бо Худо танҳо дар он ҳолат муносибат дошта метавонем, ки агар аз гуноҳҳоямон озод шавем (Ҳастӣ 3:23).

2. Муносибат байни **падару модар ва писарашон** Яъқуб: Яъқуб мегурезад ва танҳо баъд аз 20 сол бармегардад.

3. Муносибат байни **бародарон**: Эсов бародарашро бениҳоят бад дид ва аз ин сабаб Яъқубро лозим омад, ки аз вай гурезад (Ҳастӣ 27:41).

4. Муносибати **зану шавҳар** вайрон гаштанд: Ривқо бо Исҳоқ самимӣ нест (Ҳастӣ 27:45,46).

## Саволҳо ба гурӯҳ

- Мо дар бораи бефарзандӣ чиро омӯхтем?
- Мо чӣ тавр ба зани бефарзанд аён карда метавонем, ки вай дар назари Худо беқадр нест ва Ӯ нисбати вай вазифаи муайяне дорад?
- Оё мо ҳама фарзандонамон ё фақат баъзеашонро ҳамчун тӯҳфа аз Худо қабул мекунем?
- Барои ба ҳама фарзандон як хел нигоҳ кардан чӣ бояд кард?

- Чӣ тавр мо ба фарзандонамон нишон дода метавонем, ки онҳоро як хел дӯст медорем ва аз ҳам ҷудо намекунем?
- Гуноҳ ва сирри пинҳонӣ ба никоҳи мо чӣ гуна таъсир мерасонанд?
- Мо дар ҳаёти худ гуноҳро чӣ тавр бартараф мекунем?

ДАРСИ ПАНЧУМ

# Духтарони Лобон

**Порчаҳои Навишта барои хондан:** Ҳастӣ боби 29; 30:1-2

Биёед Лобонро ба ёд меорем. Ӯ бародари Ривқо ва тағои Яъқубу Эсов буд. Дар ин ҳикоя ин ду хешу табор боз бо ҳам дучор мешаванд. Лобон ҳам то ба дунё омадани ду духтараш муддати дуру дароз бефарзанд буд (аз замони ба шавҳар баромада рафтани хоҳараш Ривқо 60 сол гузашта буд, акнун Лобон ду духтари ҷавони ба балоғат расида дошт).

## "Себ аз дарахташ дур намеафтад"

Яъқуб аз шиносоӣ бо хешу табор дар ғарибӣ хеле хурсанд мегардад. Ӯ наздикии тағояшро зуд ҳис намуд. Чунон ҳиссиёт ба боваркардагон шинос аст. Ҳангоме онҳо бо бародару хоҳарони боваркардае ки ягон бор надида буданд, вомехӯранд. Яъқуб ҳамон лаҳза ба тағояш ҳама воқеаи шуда гузаштаро нақл кард (Ҳастӣ 29:13). Лобон дар ҷавоб мегӯяд: "Дар ҳақиқат ту устухон ва гӯшти ман ҳастӣ".

Аз ин суханон бармеояд, ки шояд Лобон хоҳарашро ба ёд оварда, хешутабории худро тасдиқ намуд. Вале мумкин аст, ки ин макру фиреби вай буд, зеро баъд ӯ Яъқубро дар зангирӣ фиреб дод (Ҳастӣ 29:25).

Дар ҳақиқат алоқаи хешутаборӣ ва муҳите ки мо дар он тарбия ёфтаем (дар камбағалӣ ё сарватмандӣ; дар ғамхорӣ ё худ ба худ), дар ҳаёти мо аҳамияти калон дорад. Масалан, агар падар хашмгин бошад, писар ҳам ба ин майл дорад ва агар модар ҷанҷолӣ бошад, духтараш низ ба ин моил мегардад. Ба ҳар ҳол ҳамаи инро ба воситаи Худованд Исои Масеҳ аз байн бурдан мумкин аст. Дар 2Қӯринтиён 5:17 гуфта мешавад, ки касе дар Масеҳ аст, махлуқи навест; чизҳои пешина гузаштааст ва инак ҳама чиз нав шудааст. Навишта намегӯяд, ки мо пас аз ба Худованд рӯ овардан дарҳол хулқу атвори (характери) нав мегирем. Баъзан мо ҳис мекунем, ки ягон сифати мо ба худамон маъқул нест. Умуман, феълҳо мӯътадиланд. Аммо гап дар он аст, ки мо бо онҳо чӣ кор мекунем. Масалан, ман аз сидқи дил мехостам як шахси вазнин ва камгуфтор бошам, ки аз даҳонаш танҳо суханони бохирад мебароянд. Ман ба баъзе дугонаҳоям ҳасад мебурдам, чунки мисли онҳо вазнин набудам. Ман рӯзи дароз гап мезадам. Сухангӯии ман дар ин маврид на он қадар нодуруст ва ҳам на он қадар зарур буд. Дар давоми солҳо ман каме оромтар гаштам, бо вуҷуди ин ман хушчақчақ буда, фикри худро бо камоли хурсандӣ баён мекунам. Ман бисёр дуо мекардам, ки ором шавам, вале чунин нашудам. Худованд ба ман як дарси дигар омӯхт: ман набояд танҳо хомӯш буда, аз шахсияти худ гузашт кунам, вале бояд суханони худро таҳти назорат дошта, дар хизмати Ӯ истифода барам. Рӯҳбаландиву дилгармӣ чизест, ки пеш аз ҳама ба воситаи сухан меояд. Бисёр вақт бародарону хоҳаронро таъриф кардан лозим аст ва мо бояд гоҳ-гоҳ ба онҳо ваъдаҳои дар Навишта овардашударо

хотиррасон карда, онҳоро рӯҳбаланд созем. Ман пай мебарам, ки чӣ тавр Худованд ба ман дар ин мадад мерасонад. Худо хулқу атвори маро чунон сохт, ки ба Ӯ хизмат намояд. Акнун маро хоҳиши доимии каси дигар шудан ташвиш намедиҳад.

Феълҳои мо мӯътадиланд, вале ба воситаи гуноҳ бад мегарданд. Ҳангоме мо аз Худо қувват мепурсем, Ӯ, чӣ тавре ки оиди моҳияти нав дар 2Қӯринтиён боби 5 гуфта шудааст, ёрӣ медиҳад, ки бар нотавонии худ кор кунем.

## Ҳафт соли сабру пуртоқатӣ

Яъқуб мехост, ки ҳамчун мукофот барои меҳнати худ духтари хурдии Лобон, Роҳелро ба занӣ гирад. Ӯ қарор дод, ки бахри ичрои ин мақсад 7 соли ҳаёти худро мебахшад (Ҳастӣ 29:18). Дар ин ҷо гуфта нашудааст, ки барои чӣ ӯ чунин муддати вақтро муайян намуд. Мумкин аст, ки Роҳел барои ба шавҳар баромадан ҳоло ҷавон буд ва бо сабаби ин Яъқуб вайро интизор мешавад. Мо инро аниқ намедонем. Яъқуб Роҳелро то дараҷае дӯст медошт, ки ин 7 сол барояш ҳамчун як чанд рӯз гузаштанд (Ҳастӣ 29:20). Ман ба ёд меорам, ки дар ҳаёти ман бар акси ин буд: ман шавҳар-шавандаи худро бисёр дӯст медоштам ва як соле ки аз фотиҳа то никоҳ монда буд, бароям ҳамчун 70 сол менамуд!

Сабру тоқат доштан маҳорати қиматбаҳост. Агар ягон чиз арзиш дошта бошад, қадр низ дорад (бисёр касон бо молҳои камарзиши бозор аллакай таҷриба доранд). "Собир беҳ аз баҳодур" (Масалҳо 16:32).

# Никоҳ бо арӯси қалбакӣ

Акнун, пас аз ҳафт соли хизмат Лобон ба Яъқуб арӯси қалбакиро ба занӣ медиҳад. Фиребгари дерина худаш фиреб хӯрд.

Пас аз тӯй Яъқуб арӯсашро гирифт, вале ӯро нашинохт. Роҳел бисёр зебо буд ва Яъқуб бо ӯ ҳафт соли дароз дар як ҳавлӣ зиндагӣ намуд – магар танҳо акнун вайро аз дигарон фарқ карда натавонист? Баъзеҳо фикр мекунанд, ки чароғи хона камбудӣ дошт ё ин ки чодар пӯшидани арӯс сабабгори чунин иштибоҳ шуд. Ба ақидаи дигарон бошад, ин бо сабаби маст будани Яъқуб ба вуҷуд омад, зеро ӯ қонунҳои Худоро пурра риоя намекард. Мо сабаби чунин иштибоҳи вайро намедонем, зеро Навишта дар ин бора ҳеҷ чиз намегӯяд.

Лобон чунин амали худро бо урфу одати қабулшуда асоснок намуда мегӯяд, ки мувофиқи он духтари хурдиро пеш аз калонӣ ба шавҳар додан мумкин нест (Ҳастӣ 29:26). Леёи бечора дар ин ҳафт сол шавҳари мувофиқ наёфта буд.

Навишта моро огоҳ мекунад, ки бо нобоварон оқилона рафтор намоем, то ба онҳо "санги пешподиҳанда" набошем (Ќӯлассиён 4:5). Масалан, пас аз ба Масеҳ бовар кардани ягон шахс ба ӯ либоспӯшии дигарро илова кардан фоидаовар нахоҳад буд (ба 1Тимотиюс 2:9, ки дар бораи сарулибоси шоиста мегӯяд, назар андозед). Навишта оиди либоспӯшӣ озодӣ медиҳад. Албатта мо чӣ хеле ки хоҳем, хоҳ миллии тоҷикӣ ё аврупоӣ, либос пӯшида метавонем, вале аз рӯи муҳаббат ба атрофиён ва

хирадмандӣ бояд худро пурсид, ки чӣ ба Хушхабари Худованд хизмат мекунад.

Амри Худованд бояд аз ҳар гуна урфу одатҳои миллӣ боло истад. Вале Лобон бар акси ин рафтор намуд. Вай ваъда дод, ки духтари хурдиашро ба занӣ медиҳад, аммо ба ваъдааш вафо накард. Ваъдахилофӣ гуноҳ аст. Боваркардагон набояд бо расму оин ё урфу одати миллӣ кӯркӯрона розӣ шаванд. Мо бояд дар накӯкорӣ бохирад буданро омӯхта донем, ки дар кадом ҳолат аз рӯи муҳаббат бо анъанаҳои миллӣ розӣ шавем ва дар кадом ҳолат ба Худованд итоат намуда, ба онҳо зид бароем.

## Фоҷиаи хоҳарон

Худованд мебинад, ки Леё аз ҷониби шавҳараш номаҳбуб аст, аз ин сабаб ба вай фарзандон мебахшад, вале ба Роҳел не (Ҳастӣ 29:31). Дар ин ҷо Худо ҳамчун Худои пуршафқат аён мегардад, ки бенавоёнро ҳимоя мекунад. Леё чор писар зоид, вале бо вуҷуди ин шавҳараш ба ӯ дилгармӣ зоҳир накард. Ба ин нигоҳ накарда Роҳел ба хоҳараш ҳасад мебурд. Боре вай аз шавҳараш хоҳиш намуда мегӯяд, ки ба вай фарзанд бидиҳад, вагарна вай мемирад (Ҳастӣ 30:1). Ҳамин тариқ мо мефаҳмем, ки чаро вай беандеша амал намуда, шавҳарашро ба назди канизи худ Билҳо мефиристад, то ба воситаи вай фарзанддор шавад. Яъқуб ҳатто ба ин амали вай муқобилият намекунад. Магар онҳо аз хатои Иброҳиму Соро ягон чиз наомӯхтанд?

Дар тӯли тамоми боби 30-юм мо мебинем, ки чӣ тавр Роҳел ва Леё барои фарзанддор шудан номи

Худовандро боғайратона ба забон мегирифтанд, вале барои ин дуо намекарданд. Аксарияти мо низ ба ин майл дорем. Мо бояд кӯшиш намоем, ки на танҳо дар бораи мушкилоту хоҳишҳои худ андеша намоем, балки инчунин онҳоро **дар дуо ба назди Худо оварем**.

# Хурофотпарастӣ*

Роҳел бо Леё оиди меҳргиёҳ баҳс мекунад (Ҳастӣ 30:14-16). Ба назар мерасад, ки Яъқуб нисбати зиддияти занҳояш бепарво буд. Роҳел умед дошт, ки меҳргиёҳ баракат меоварад. То имрӯз одамон, махсусан занҳо, ба чизҳои нодири хушбахткунандаву баракатовар умед мебанданд. Дар Навишта ба ғайр аз Худи Худо ба чизҳои дигар умед бастан "зинокории рӯҳонӣ" номида мешуд (Ҳизқиёл 16:15,16). Касе ки аз "чашмрасӣ" метарсад, ё ба асрори мистикӣ (нони дар дарстархон чаппа хобида, гурбаи сиёҳ ё шумораи тоқ) бовар мекунад, ғуломи "хӯҷаини дигар" аст. Шайтон мехоҳад, ки ба воситаи чунин чизҳо моро вобаста намуда, ба ваҳм андозад. Аммо Худо моро ба озодӣ даъват мекунад (**Ғалотиён 5:1**). Боваркардае ки ба ҷуз Худои ягона инчунин ба чизҳои дигар таваккал мекунад, ҳаёташро пурра ба Исои Масеҳ набахшидааст.

Бояд донист, ки чизҳое ки аз он хурофотпарастии мо бармеоянд, худ аз худ безараранд (масалан, роҳро гузаштани гурбаи сиёҳ як чизи муқаррарист), вале Ҳангоме ки мо ба чунин падидаҳо маънои махсус дода, ба онҳо боварӣ ё таваккал мекунем, ин моро рӯҳан

*Хурофот – боварӣ ба ақидаи беасос ва барғалат

вобаста намуда, дар ҳаёти рӯҳониамон зарари калон меоваранд. Бо “чашмрасӣ” ва ҳурофотпарастӣ сарукор доштан на бозиҳои бачагона, балки ҳамчун бо оташ бозӣ кардан аст.

# Саволҳо ба гурӯҳ

- Ҳангоме ки одам ба Масеҳ рӯ меоварад, мувофиқи ваъдаи Худованд табиати навро соҳиб мегардад. Чӣ тавр мо инро мефаҳмем? Табиати кӯҳна куҷо мешавад?
- Оё аз гуноҳи меросан пайдокардашуда озод шудан мумкин аст? Шумо барои ин чӣ карда метавонед?
- Мо мехоҳем, ки ҳамаро яку якбора соҳиб гардем? Оё шумо барои баъзе чизҳоро интизор шудан тоқат доред?
- Яъқуб саҳари баъди тӯй фиребро дарк намуд. Агар шумо ба ҷои вай мебудед, чӣ кор мекардед?
- Мо ба урфу одати халқияти худ чӣ гуна муносибат дорем? Шумо онҳоро месанҷед?
- Муносибати хоҳарон бо ҳамдигар ва ба шавҳарашон Яъқуб чӣ гуна буд?
- Шумо нисбати хурофотпарастӣ ва зуҳуроти ба ин монанд чӣ гуна фикр доред? Навишта дар ин бора чӣ мегӯяд?

ДАРСИ ШАШУМ

# Ёкобад – модари Мусо

**Порчаҳои Навишта барои хондан:** Хуруҷ 1:22 – 2:10; Ададҳо 26:59; Аъмол 7:19-22; Ибриён 11:23-26

Баъд аз ҳаёти Яъқуб ва Роҳел чанд садсола гузашт. Дар ин муддат насли Яъқуб – исроилиҳо ба Миср равона шуда, дар он ҷо 400 сол зистанд. Дар аввал ҳама чиз хуб буд ва фиръавн (подшоҳи Миср) ба онҳо фақат некӣ мекард. Акнун дар сари ҳокимият фиръавнест, ки аз халқи бузурги Худо хавф дорад. Барои ҳамин ӯ онҳоро тамоман ғулом кард. Ӯ хост, ки халқи Худоро ба воситаи куштани писарбачагони навзоди онҳо нотавон созад. Дар ин замон Ёкобад ном зане зиндагӣ мекард, ки тифли худ – Мусоро зоид.

## Таъсир ба фарзанд дар айёми хурдсолии вай

Одатан мо фикр мекунем, ки ба кӯдак танҳо ҳангоми фаҳмиш пайдо намуданаш, яъне вақти ба мактаб рафтанаш дар бораи Худо нақл кардан фоидаовар аст, то ин ки ба онҳо таъсир кунад. Ин хатои калон мебошад! Мо ҳамчун падару модарон ба фарзандонамон дар фосилаи вақти байни зодашавии онҳо ва 3-4 солагиашон бештар таъсир расонда метавонем, зеро баъд онҳо ақидаҳои кӯдакони ҳамсоя, дигар калонсолон, муаллимон, рафиқонашон ва ғайраро ҳамчун ҳақиқат қабул мекунанд. Дар асоси

илми психология, дар ин вақт қобилияти омӯзиши кӯдакони хурдсол аз ҳама бештар аст. Дараҷаи азхудкуние ки кӯдакон то синни 5-солагӣ доранд (нишастан, давидан, хӯрдан, дидан, бӯй кашидан, ҳис кардан ва ғайра), дар синну соли баъдина маҳдуд мегардад. Ин айёми кӯдакон барои меҳри онҳоро ба Худо равона сохтан имконияти хуб аст. Ин имкониятро аз даст надиҳед! Мусо дар хурдсолӣ ба қасри боҳашамати фиръавн оварда шуда, дар он ҷо ба воя мерасад **(Аъмол 7:21,22**). Аммо ин вақти кӯтоҳи бо модар будан барояш кифоя буд, то дар 40 соли оянда (шояд 34 сол) ӯро бойигарии Миср ва бутҳои бисёраш вайрон накунанд (Ибриён 11:24-26).

Дар Такрори шариат 6:7 қатъӣ фармуда мешавад, ки Сухани Худоро ба кӯдаконамон "ҳангоми нишастанат дар хонаи худ, ва ҳангоми роҳ рафтанат, хобиданат ва бархостанат" фаҳмонда дода, дар бораи онҳо гуфтугӯ намоем. Шумо дар ин бора ягон бор фикр намудед? Худо моро вазифадор ва ӯҳдадор намудааст, ки ба фарзандонамон Навиштаро омӯзонем. Кӯдакони мо бояд пай бурда ҳис намоянд, ки мо на танҳо дар ҷамъомад Худоро ба ёд меорем, балки ҳама вақту дар ҳар ҷо Худоро ба эътибор мегирем, ба Ӯ дуо мекунем, Сухани Ӯро мехонем ва мувофиқи он зиндагӣ менамоем.

Баъзеҳо имконият доранд, ки фарзандонашонро ба мактаби илоҳии бачагона равон кунанд. Ин бисёр хуб буда, ба фарзандон нишон медиҳад, ки кӯдакони дигар низ бар хилофи ҷӯраҳои мактабиву ҳамсоявӣ Сухани Худоро бо шавқ меомӯзанд. Аммо мо набояд фирефта шавем: як соат таълим дар мактаби илоҳӣ, ки боре дар як ҳафта мегузарад, ба кӯдак мисли омӯзиши

ҳаррӯзаи Навишта таъсири калон расонда наметавонад.

Чор фарзанди мо аз 1 то 5-солаанд. Мо ҳар рӯз, саҳару бегоҳӣ (ба боло нигаред: ҳангоми хестан ва хобидан) барои ибодат вақти муайяне ҷудо мекунем, ки аз хондани ҳикояи илоҳӣ, дуо ва сурудхониҳои масеҳӣ иборат аст. Албатта, диққати ҳама фарзандонамон як хел нест, бинобар ин нисбати ду фарзанди хурдакакамон бисёр тоқат лозим меояд. Баъзан хоҳиши ҳарчи зудтар хобондани кӯдакон майли бо онҳо дуо карданро аз ман дур мекунад, вале интизом ва пойдорӣ калид ба дилҳои онҳост. Ихтироъкор бошед, чунки ягон ҳикояро бе сурат низ шавқовар нақл кардан мумкин аст. Машғулиятҳоро душвор нагардонед ва ҳар рӯз 2-5 дақиқа машғулият гузарондан назар ба як соат дар як моҳ беҳтар аст.

Худованд дар Такрори Шариат 6:7 ба мо на пешниҳод, балки амр медиҳад! Риоя намудани фармонҳои Худованд ҳама вақт баракат дорад. Агар шумо Навиштаро ба фарзандонатон ҳамчун амр қатъӣ нафармоед, онҳо ҷаҳонбинии дигар омӯхта, аз дигарон дар бораи Худо тасаввуроти нодуруст қабул мекунанд. Шумо бояд барои ин масъала ғамхорӣ намоед, зеро ин меарзад!

Мо дар Навишта мебинем, ки фарзандонро дар бовар тарбия кардани Ёкобад чӣ қадар ҳосил овард: Ҳорун сардори хизматгорони Хонаи Худо шуд, ки мансаби калон буд; Марям аз шумораи ками занҳоест, ки Навишта пайғамбар ва пешво меномад; Мусо бошад, умуман, доҳии халқи Худо буд – ва ҳар се нафари онҳо дар наздикӣ бо Худо зиндагӣ намуданд.

## Боварӣ аз шуур баландтар аст

Ёкобад баъд аз се моҳи душвори пинҳон намудани кӯдаки ширхӯри худ маҷбур мешавад аз вай даст кашад. Албатта оромии гирёнчаки хурдакак кори бисёр душвор ва асабикунанда буд, то мабодо касе вайро пай бурда, рафта хабар надиҳад. Вай бо боварӣ ба Худо кӯдакашро ба сабаде гузошта, онро ба дарё сар медиҳад (Ибриён 11:23). Худро ба ҷои вай гузошта, як тасаввур кунед, ки ҳангоми чунин рафтори маҷбурӣ вай чӣ гуна ҳиссиётро аз сар гузаронд.

Аз нуқтаи назари инсонӣ тасавввур кардан мушкил аст, ки кӯдак чӣ тавр зинда монд? Кӯдак имконияти наҷот ёфтанро қариб надошт, зеро сабад бояд ё дар мавҷҳои пурталотуми Нил ғарқ мешуд, ё ба ягон кас дучор нашуда, оқибат бенишон мегашт. Чанд муддат тифли ширхӯри беназорат зинда монда метавонад? Вақт ғанимат буд, зеро ӯ дар ин муддати ками соатҳо бояд наҷот меёфт, вагарна ҳалок мегашт. Ба ҳар ҳол, новобаста ба ҳамаи ин, Ёкобад кӯдакро пурра ба дасти Худо супурд. Ин ягона тасаллои вай буд. Мо бояд ҳама вақт ва дар ҳама ҷо ба Худо барои фарзандонамон дуо кунем.

Духтари фиръавн кӯдакро ёфта наҷот дод ва ин дар ҳақиқат барои бовари Ёкобад ва шавҳараш, ки инчунин дар Ибриён 11:23 хотиррасон шудааст, мукофоте буд.

## Худо баъзе вақт воситаҳои ғайриоддиро истифода мебарад

Хоҳари Мусо, Марям рафти тамоми воқеаро мушоҳида мекард. Чӣ хел вай бояд метарсид, ҳангоме дид, ки сабади хурдакак рост ба назди шоҳдухтар – духтари душмани ашаддӣ шино мекунад. Дар бораи шоҳдухтар мо ҳеҷ чизро аниқ намедонем. Ягона чизе ки мо дар бораи вай медонем, он аст, ки вай бар хилофи фармони падараш ба кӯдаки яҳудӣ дилсӯзӣ намуда (Хуруҷ 2:6), ҳатто дар қасри шоҳона вайро калон кард. Худо дили шоҳдухтарро мисли оби ҷӯй равона мекунад (Масалҳо 21:1). Мувофиқи таълимоти Навишта Рӯҳи Худо, яъне Рӯҳи Пок танҳо дар боваркардагон зиндагӣ мекунад (Румиён 8:11), вале бо вуҷуди ин Ӯ ба нобоварон чунон таъсир расонда метавонад, ки онҳо ба боваркардагон мадад расонанд. Худо ба ҳеҷ чизи ба хости Ӯ мувофиқат намекарда роҳ намедиҳад. Худо мехост, ки Мусо маҳз ба ҳамин тариқ наҷот ёбад. Ҳамин тавр тифли ширхӯри хурдакак ба шоҳзодаи Миср табдил меёбад. Дар асл ӯро 40 соли ҳаёти танҳоӣ дар биёбон интизор буд, ки бо Худо гузаронида, ба як кори вазнин, яъне аз Миср баровардани халқи иборат аз якчанд миллион нафар одам тайёр гардад.

# Саволҳо ба гурӯҳ

- Шумо дар бораи Ёкобад чӣ фикр доред?
- Оё шумо дарк менамоед, ки ӯҳдадории дар фарзандони худ муҳаббат нисбати Худо рӯёндан, дар бораи Ӯ ҳикоят кардан ва Сухани Ӯро омӯзондан доред?
- Шумо фармони Худовандро оид ба ин ӯҳдадорӣ чӣ тавр ба ҷо оварда истодаед?
- Шумо аз Навишта боз кадом оятҳоеро ёфта метавонед, ки ба мо, модарон, таълиму тарбия додани фарзандонамонро таъкид мекунанд?
- Барои чӣ ба кӯдакон аз айёми хурдсолагиашон сар карда дар бораи Худо таълим додан зарур аст?
- Оё шумо фарзандонатонро пурра ба дасти Худо супорида метавонед? Шумо барои фарзандонатон дуо мекунед?
- Баъзан Худованд ғайричашмдошт, тамоман дигар хел амал мекунад, ки интизораш набудем. Шумо ба монанди ин ягон воқеаро аз сар гузаронидаед?
- Дар раванди ҳаёти Мусо чӣ чизҳои аҳамиятнок ба вуҷуд омаданд? Ҳангоме ки Мусо бо "хирад ва бойигарии Миср" шиносоӣ пайдо намуд, аз бовари вай чӣ қадар боқӣ монд?
- Хирад ва бойигарии ин ҷаҳон барои мо санги пешпоянд ё мо ҳам чун Мусо бовари устувор дорем?

ДАРСИ ҲАФТУМ

# Марям – хоҳари Мусо

**Порчаҳои Навишта барои хондан:** Хуруҷ 15:20,21; Ададҳо 12:1-15; Мико 6:4

Мусо фақат як хоҳар дошт ва ба фикри мо Марям ҳамон хоҳари ӯст, ки шинои сабадчаро мушоҳида намуда, бо шоҳдухтар гап зад. Мусо 40 сол дар даргоҳи фиръавн зиндагӣ намуда, 40 соли дигарро дар биёбон гузаронид ва танҳо пас аз он Худо ба ӯ қобилияти пешвоиро дода, вазифаи вазнинеро супурд, то халқи Исроилро аз Миср бароварад. Марям дар ин вақт пир шуда, тақрибан ба синни 85-90 расида буд. Кӯчиши халқи Исроил аз Миср бо муваффақият анҷомид. Ба воситаи мӯъҷизаи Худованд обҳои Баҳри Сурх аз ҳам ҷудо шуда, ҳамаи исроилиҳо аз он гузаштанд ва дар соҳили дигари баҳр наҷоти худро ёфтанд. Тавзеҳот: Ин Марямро бо Марям – модари Исо омехта накунед, ки 1500 сол баъд зиндагӣ карда буд.

## Зане ки маҳорати роҳбарӣ дошт

Марям яке аз шахсиятҳои ҳақиқиест, ки дар Навишта ҳамчун пайғамбар (Хуруҷ 15:20) тасвир шудааст (инчунин пайғамбарзанони баъдинаро як аз назар гузаронед: Дебӯро – Доварон 4:4; Ҳулдо – 4Подшоҳон 22:14; Ҳано – Луқо 2:36). Микои набӣ ҳатто хотиррасон карда мегӯяд, ки Марям баробари Мусо ва Ҳорун пешвои халқ ба шумор мерафт (Мико 6:4). Дар

боби 15 мо мебинем, ки вай сурудхонии занҳоро роҳбарӣ мекунад, ки бояд аз шумораи муайяни занҳо иборат буда, таассурот мебахшид. Дар бораи шавҳардор будан ё набуданаш ягон ишорае нест.

Бе хондани боби 12-юми китоби Ададҳо ба ақидае омадан мумкин аст, ки эҳтимол ин зан бенуқсон буд, вале мо мебинем, ки маҳз ҳангоми ишғол намудани вазифаи аҳамиятнок вай пешпо мехӯрад. Худованд Мусо, Ҳорун ва Марямро ҳамчун пешвоёни халқ интихоб карда бошад ҳам, бо вуҷуди ин масъулияти асосӣ, бешубҳа, бар дӯши Мусо буд. Марям ба ин зид баромада мегӯяд, ки вай ва Ҳорун низ ҳуқуқи ба халқ гуфтани Сухани Худоро доранд (Ададҳо 12:2).

Мо дар Марям занеро мебинем, ки бо мартабаи махсус доштанаш қаноатманд нашуда, мехост бо пешвои асосӣ ҳуқуқи баробар дошта бошад. Чунин хоҳиши ӯ гуноҳ буда, сазовори ҷазо буд.

Навишта аниқ таълим медиҳад, ки дар ҷамоат танҳо бародарон бояд роҳбарӣ намоянд. Ин ҳақиқат тартиби мавқеъҳои марду занро, ки Худо ҳангоми офариниш муқаррар карда буд, тасдиқ мекунад (1Тимотиюс 2:8,13). **Вуҷуд надоштани фиристазанҳо ва роҳбарзанҳо** дар ҷамоат ба дастгирии ин ақида илова мебошад. Хоҳарон набояд дар ҷамоат роҳбарӣ кунанд ё бародаронро таълим диҳанд (1Тимотиюс 2:12). Вале таълимдиҳии занонро метавон дар доираи оилавӣ ба роҳ монд. Масалан, Акило **бо занаш** Прискила ба Апӯллӯс Навиштаҷотро фаҳмонданд (Аъмол 18:26).

Вале ҷамоат на танҳо аз роҳбарону насиҳатгарон иборат аст. Дар ҷамоат инчунин бисёр корҳои дигар низ мавҷуданд, ки бояд иҷро шаванд. Дар Румиён 16:1

мо саломи ба Фубиро равона шударо мебинем, ки хидматгори ҷамоати маҳаллии худ буд. Хизмати зан дар ҷамоат метавонад хусусияти соф амалӣ дошта бошад. Дар 1Тимотиюс 5:10 хизматгузориҳои гуногун номбар шудаанд, ки ҳаёти покизаи занро ифода мекунанд: тарбияи фарзандон ва мактаббачагони мактаби илоҳӣ; меҳмоннавозӣ, аввалан нисбати бародарон ва хоҳарон дар бовар; хизмат ба бародарону хоҳарон бо рӯбучини ҷои ҷамоат ва меҳнат дар ошхонаи он (ҳатто агар ин назарнорас намояд ҳам); ғамхорӣ ва рӯҳбаланд намудани ягон хоҳар дар бовар.

Ҳангоме ман масеҳӣ шудам ва хоҳиш кардам, ки ба Худо хизмат намоям, худ ба худ фикр намудам, ки барои ин чӣ гуна маҳорат дорам. Сипас ман мисли бисёриҳо гумон мекардам, ки барои ин ягон хел маҳорат надорам. Ҳоло ман ҳис мекунам, ки чунин ақидаи ман нишонаи на хоксорӣ, балки ношукрӣ нисбати Парвардигор буд! Ҳар як одам дорои маҳорат аст. Худованд мехоҳад, ки маҳорати мо - боваркардагонро фоидаовар намуда, мувофиқи он ба мо ҳадяи рӯҳонӣ диҳад (ба Матто 25:14-30, масал дар бораи талантҳои амонатӣ нигаред). Ман ба худ рӯйхати чизҳои карда метавонистагӣ ва наметавонистагиамро тартиб додам ва ин ба ман хуб ёрдам кард. Рӯйхати дуюм дароз шуд, вале ба ин нигоҳ накарда дар рӯйхати якум маҳорати ташкилот-чигӣ, сӯҳбаторой, дастурдиҳӣ ва ғайра меистоданд. Ман медонистам, ки занҳо набояд омӯзонанд, вале магар бо ин ҳама маҳоратҳои ман бефоидаанд? Ҷавоби худро ман дар нома ба Титус ёфтам (Титус 2:4). Занони солхӯрда, инчунин хоҳарони дар бовар ботаҷриба бояд ба ҷавонзанон роҳи Худовандро ёд диҳанд. **Аз занҳои**

**дар бовар ботаҷриба** дида кӣ ҷавонзанонро хубтар таълим дода метавонад? Ҳамин тариқ дар ҷамоати мо хоҳиши барпо намудани ҷамъомади занҳо пайдо шуд, то дар он занҳо имконияти бо ҳам аз назар гузаронидани Сухани Худоро дошта, аз нуқтаи назари зан барои зиндагии ҳаррӯза чизе ба худ пайдо кунанд. Ин барои ҷамоат воситаи бисёр хубест. Аммо дар асл хоҳарон набояд ҳукмфармоӣ кунанд. Чамъомади занон дар он вақт самарабахш мегардад, ки он чи дар ҷамъомади онҳо мегузарад, бо роҳбарони ҷамоат бо ҳам дида шавад ва занон чизҳои омӯхташавандаро ба тафтишу азназаргуза-ронии онҳо пешкаш кунанд.

## Мисли барф сафед

Марям бародари худ Ҳорунро бар зидди Мусо равона сохт ва ин дар он аён мегардад, ки на ҳар дуи онҳо, балки танҳо Марям бемор шуд. Ба ин “зани ҳабашӣ”-и Мусо, эҳтимол Сайфура, баҳона шуд (Хуруҷ 2:21). Сайфура аз оилаи боваркардагон бошад ҳам, исроилӣ набуд.

Марям ба роҳбарияти Мусо итоат кардан намехост. Ин дар назари Худо гуноҳи ниҳоят калон буд, зеро Ӯ Мусоро пешвои халқи Исроил таъин намуд. Худо Марямро бо бемории марговари махав ҷазо дод. Ин беморӣ бо доғҳои сафеди бадан сар шуда, ҳамчун барф ба тамоми он паҳн мегардад ва ҷойҳои ишғолшуда оҳиста-оҳиста хушк шуда мемиранд. Ҳамин тариқ одам тадриҷан мемирад. Бемории махав дар Навишта як рамзи гуноҳ аст. Гуноҳи ҳаёти мо Худоро аз мо дур мекунад. Айнан ҳамин тавр ҳангоме Марям махавӣ шуд, Худованд аз вай дур мешавад

(Ададҳо 12:9). Гуноҳ дар ягон ҷо сар зада, то пурра инсонро фаро гирифтанаш инкишоф меёбад. Қисми гирифторшуда оҳиста-оҳиста мемирад. Масалан, агар мо дар фикрамон гуноҳ кунем, фикрҳои мо ба Худо нодаркор мегарданд ва ҳамин тариқ бефоида гашта мемиранд.

Худо Марямро ҷазо дод, чуноне ки падар фарзандро ҷазо медиҳад (Ададҳо 12:14). Ҳангоме Худо боваркардаро ҷазо медиҳад, ҷазо маънои махсусе дорад. Худованд моро тарбия карда, мехоҳад моро таълим диҳад. Чуноне падар фарзандашро ҷазо медиҳад, то вайро тарбият кунад, ки рафтори шоиста дошта бошад, Худо низ айнан ҳамин тавр рафтор намуда мехоҳад, ки фарзандонаш, яъне боваркарда-гон хубу бадро сарфаҳм раванд (1Юҳанно 3:1). Мо худро масеҳӣ меномем, яъне номи Масеҳро ба худ мегирем. Агар кӯдаке худро бад нишон диҳад, мо ба хулосае меоем, ки падараш низ ҳамин хел аст. Оё мо сарфаҳм меравем, ки атрофиёнамон **Масеҳро** мувофиқи рафтори мо баҳо медиҳанд? Оё мо мувофиқи **унвони масеҳӣ** сазовор рафтор мекунем?

## Оё шифо кафолат дода шудааст?

Агар Худо нисбати Марям бошафқат намебуд, бемории махав ӯро ба марг меовард. Мо раванди шифоёбии Марямро муфассал мушоҳида менамоем:

1. Ҳорун аз Мусо барои шифои Марям илтиҷо мекунад. Акнун муносибати ӯ ба Мусо дуруст гашт: ӯ ба Мусо “хоҷаи ман” гуфта муроҷиат мекунад (Ададҳо 12:11).

2. Чӣ тавре ки Навишта мегӯяд, Мусо бештар аз ҳар одами рӯи замин бағоят фурӯтан буд (Ададҳо 12:3). То чӣ андоза хислати аълои роҳбарӣ! Бисёр пешвоён бо сабаби ғурури худ фурӯ меғалтиданд. Мусо нисбати бародару хоҳари худ бепарво нест. Ҳангоме Ҳорун Мусоро барои шифои Марям илтиҷо кард, Мусо ба Худо **нидо** намуда шафқат талабид.

3. Худованд фарёди Мусоро шунида шифо бахшид, вале фармуд, ки Марям бояд ҳафт рӯз аз бошишгоҳ берун зиндагӣ кунад, то ба ин тариқ шармандагии вайро нишон диҳад.

Дар Паймони Куҳан шифо ёфтани махав ҳодисаи нодиру камвоқеъ дар рӯи замин буд. Шифо ёфтани чунин намуди бемор̣ӣ дар он зоҳир мегашт, ки Худо қисмҳои мурдаистодаи баданро нав мекард (Ададҳо 12:12).

Мо дар Масеҳ табиати нав, яъне ҳаёти нав мегирем (2Қӯринтиён 5:17). "Агар мо гуноҳҳои худро эътироф кунем, Ӯ амин ва одил аст, ки гуноҳҳои моро биомурзад ва моро аз ҳар ноинсофӣ пок намояд" (1Юҳанно 1:9). Худо пуриқтидор аст ва шахси мурдаро ҳаёти нав бахшидан барои Ӯ мушкил нест.

Худо ваъда додааст, ки "беморӣи" моро шифо дода, табиати гуноҳолуди моро **нав** мекунад. Вале дар ҳеҷ куҷои Навишта гуфта нашудааст, ки боваркарда, ҳатто агар ӯ дар бовар устувор бошад, ҳамеша саломат хоҳад буд. Беморӣ метавонад натиҷаи бевоситаи гуноҳ бошад (масалан, заҳри тамоку ҷигарро вайрон мекунад, ё героин ҳуҷайраҳои асаброро мекушад).

Инчунин бо сабаби гуноҳҳои содиркардаи Одаму Ҳавво гуноҳ ва ба воситаи он бемории ба насли одам мерос мегузарад.

Бо вуҷуди ин, бемории ягон вақт бидуни маъно ва чӣ хеле ки мо мешуморем, "муайяншудаи тақдир" нест. Худованд ба воситаи бемории боваркардаро тарбият кардан мехоҳад. Бемории метавонад дар ҳақиқат мактаби душвори тарбиявӣ бошад, вале ба ҳар ҳол мо бояд дар назар дошта бошем, ки он барои беҳбудии мо хизмат мекунад. Барои шифо ёфтан дуо кардан нодуруст нест (Ададҳо 12:13), вале мо набояд фикр кунем, ки ба Худо чизеро муқаррар карда метавонем. Оё мо метавонем Худоро ба курсии айбдорон шинонда, Ӯро айбдор кунем? Албатта не! Мо худамон кистем? Бисёр масеҳиён дарк намуданд, ки дар давраҳои душвори ҳаёт, ҳангоме онҳо бадбахтии бемориро аз сар мегузарониданд, Худованд ба онҳо Каси аз ҳама наздик буд.

## Саволҳо ба гурӯҳ

- Маҳорати ман дар чист? Чӣ тавр ман ба Худованд дар ҷамоат хизмат карда метавонам?
- Оё мо ягон хоҳар ё бародари боваркардаро дар истеъдодашон таъриф мекунем? Оё мо ба онҳо барои истифодаи маҳоратҳои худ барои шукӯҳи Худо ёрӣ расонда метавонем?
- Оё мо тайёрем дар ҷамоат хизмат намоем, ҳатто бо фаҳмиши он ки мукофоти хизматамонро танҳо дар осмон мегирем?
- Оё мо қабул менамоем, ки дар ҷамоат ҳамчун хоҳар нақши худро дорем?

- Агар дар ҳаёти мо гуноҳ ҷой дошта бошад, муносибатҳои мо бо Худо чӣ гунаанд? Фаҳмиши шумо оиди Ададҳо 12:14 чӣ гуна аст?
- Агар кас аз Худо хоҳиш кунад ва ба пуриқтидор будани Ӯ бовар кунад, оё ҳама вақт шифо меёбад? Ҷавобатонро маънидод кунед.
- Хоксории одам чӣ тавр зоҳир мегардад? Оё шумо шахси фурӯтан ҳастед?

ДАРСИ ҲАШТУМ

# Роҳоби фоҳиша

**Порчаҳои Навишта барои хондан:** Еҳушаъ боби 2; Матто 1:5; Яъқуб 2:25; Ибриён 11:31

Халқи Исроил Баҳри Сурхро гузашта, 40 сол дар биёбон умр ба сар бурд. Мусо ва насли пештарае ки бо ӯ аз Миср фирор намуда буданд, ҳама пеш аз дарёи Урдунро гузашта ба замини ваъдашуда ворид шудан аз олам гузаштанд. Ниҳоят танҳо фарзандон ва наберагони онҳо ба замини ваъдашуда имкони ворид шуданро пайдо карданд. Ериҳӯ яке аз он шаҳрҳои давлати наве буд, ки ҳоло дар дасти душманон қарор дошт. Халқи иборат аз миллионҳо одамон дар наздикии шаҳр ҷой гирифта, ба ҳуҷум тайёр буданд.

## Зане бо шӯҳрати бад

Фарз кунед, ки агар шумо низ дар нақшаи Худо мисли Марями **пайғамбар**, Дебӯрои **довар**, Батшобаъ **зани** Уриё, Марям **модари** Масеҳ ё Марями **Маҷдалия** ягон нақшро иҷро мекардед, шуморо дар Навишта чӣ гуна меномиданд? Роҳоб бошад бо номи “Роҳоби **фоҳиша**” дучор меояд. Албатта, ба чунин ном ҳасад бурдани мо аз эҳтимол дур мебуд. Аммо дар насабномаи Худовандамон Исои Масеҳ, ки дар Матто боби 1 оварда шудааст, Роҳоб на ҳамчун фоҳиша, балки чун модари Бӯаз баён мешавад. Ин марҳамати Худоро нисбати Роҳоб, ки ҳамчун фоҳиша машҳур

буд, тасвир мекунад. Дар Яъқуб 2:25 ва Ибриён 11:31 гуфта мешавад, ки маҳз ҳамин зан ба Худо бовари ҳақиқӣ зоҳир намуд. Баъдтар Роҳоб ба Салмӯн ном марди яҳудӣ ба шавҳар баромада, ба ӯ Бӯазро зоид. Мо дар бораи Бӯаз мехонем, ки вай марди худотарс ва давлатманд буд (Китоби Рут). Одатан Худованд шахсонеро интихоб мекунад, ки мо онҳоро интихоб намекардем. Ҳангоме Худованд Масеҳро ба замин фиристод, Ӯ ба назди боҷгирону фоҳишагон рафта, ба онҳо аз Подшоҳии Худо насиҳат мекард. Барои чӣ? Рӯҳи Пок дар Матто 9:9-13 мефаҳмонад, ки ба духтур на солимон, балки беморон мӯҳтоҷанд, аниқтараш ононе ки хоҳиши шифо ёфтанро доранд. Роҳоб дарк намуд, ки гуноҳкор, яъне рӯҳан касал аст ва метавонад духтури ҳақиқиро пайдо кунад.

## Худо бо ҳар кас алоҳида рафтор мекунад

Ҷаҳони мо доимо тағйир меёбад. Мо, одамон, дигаргун мешавем ва аз ҷониби Худо дигаргун мегардем, вале Худованд ҳеҷ гоҳ тағйир намеёбад ва ҳамеша (дар гузашта, ҳозира ва оянда). Ҳамон аст (Ибриён 13:8). Тағйирнопази-рии Худо кӯҳпораи бехатариву амният аст. Моҳияти Худо беназир ва барои мо фаҳмиданашаванда мебошад (Румиён 11:33). Дар як маврид ҳама оламро таҳти назорат нигоҳ доштан ва ба ҳамаи боваркардагон чун дӯст наздик буда тавонистани Худо барои мо ақлнорас аст. Худо бо ҳар як одам ҷудогона рафтор мекунад. Барои Ӯ меъёр вуҷуд надорад. Роҳоб боваркарда буд. Барои он ки ҷосусон ошкор нагарданд, Роҳоб дурӯғ гуфт. Вале дурӯғгӯӣ гуноҳ аст. Дар Аъмол боби 5 гуфта мешавад,

ки Худо ду касро барои дурӯғгӯӣ бо марг ҷазо дод! Роҳоб бошад барои чунин гуноҳ аз ҷониби Худованд ҷазо надид. Шояд шумо пурсед, ки чаро? Роҳоб дар шаҳри Ерихӯ, ки дар гуноҳ расво гашта буд, зиндагӣ мекард ва барои фаҳмидани Сухани Худо имконияти кам дошт. Эҳтимол, вай бо бародарону хоҳарони боваркарда имконияти мулоқот карданро надошт. Инчунин Роҳоб аз ботлоқи фоҳишагӣ баромада буд. Худо на танҳо нисбати гуноҳ беаҳамият намемонад, балки инчунин вазъиятеро, ки дар он шахсият гуноҳ содир мекунад, мушоҳида менамояд. Вале ин маънои онро надорад, ки гуноҳи Роҳоб сарфи назар гардид, балки мефаҳмонад, ки барои чӣ Худо ӯро ҷазо надод. Агар Роҳоб дар бовар устувор мебуд, сарфаҳм мерафт, ки барои Худо эмин доштани ин ду мард як кори осон аст.

Мо бояд эҳтиёт шавем, ки нисбати одамон аз Довари ин ҷаҳон бештар сахтгир ва қатъӣ набошем!

## Ду мард бо супориши махсус

Ба хонаи зане ки дар гузашта (пеш аз тавба карданаш) фоҳиша буд, даромадани ду мард шояд моро ба ҳайрат мегузорад. Вале аз рӯи мазмуни матн аниқ мегардад, ки ҷосусон ба хонаи Роҳоб бо фикри беғараз даромаданд. Дар Еҳушаъ 2:1 гуфта мешавад, ки онҳо бо супориши махсус раҳсипор шуда буданд. Ба ҷосусон хатари калон таҳдид мекард, бинобар ин онҳо бояд вақтро беҳуда гум накарда, шаҳрро тадқиқ менамуданд. Агар дар нияти ҷосусон гуноҳ мебуд, онҳо аз нақли муфассали рафти воқеа ба пешво Еҳушаъ шарм менамуданд (Еҳушаъ 2:23).

Роҳоб бо хизмати худ нияти пулкоркунӣ надошт, зеро дар Ибриён 11:31 гуфта мешавад, ки вай **бо бовар** ҳар ду ҷосусонро қабул намуд.

Билохира ин хости Худо буд, чунки онҳо ҷои хубтареро ба ҷуз хонаи Роҳоб ёфта наметавонистанд. Роҳоб боваркарда буд ва бинобар ин ба онҳо кӯмак расонда паноҳ дод. Хонаи ӯро зиёрат кардани ду мард барои ӯ ягон аҷоиботеро ифода намекард, чунки вай пештар низ мардҳоро қабул мекард ва чунин зуҳурот дар ҳаёташ якумбора набуд. Инчунин хонаи Роҳоб барои гурез ҷои бисёр муносиб буд, зеро дар дохили девори шаҳр бино гашта буд.

## Нақшаи гурез

Роҳоб ба ҷосусон боварӣ зоҳир намуда, аз онҳо хоҳиш менамояд, ки онҳо ҳангоми ҳуҷум ӯ ва хонаводаашро аз марг наҷот диҳанд (Еҳушаъ 2:12). Ӯ медонист, ки исроилиҳо Ериҳӯро вайрон карда, мардуми онро ба қатл мерасонанд. Инчунин Роҳоб аз ҷосусон барои падару модар ва бародару хоҳаронаш низ наҷот хоҳиш мекунад.

Ҷосусон ба наҷот додани Роҳоб розӣ шуданд. Онҳо чӣ тавр наҷот додани ӯ ва хешу табори вайро андеша намуда ба ӯ гуфтанд, ки вай бояд як арғамчини сурхро аз тиреза овезон кунад, то барои исроилиҳо нишонае буда, хонаи ӯро фарқ намоянд (Еҳушаъ 2:18). Ин нишона ба мо хуни сурхи Масеҳро тасвир мекунад. Исои Масеҳ дубора ба замин барои доварӣ кардан меояд ва агар мо хуни сурхи Ӯро, ки барои мо рехта буд, эътироф намоем, сазовори раҳм хоҳем шуд. Оё ин ҳикоя кӯчидани исроилиёнро аз Миср ба ёдатон

намеоварад? (Хуруҷ боби 12). Ҳангоме Худованд ба Миср ҷазо дода, ҳама нахустзодагонро нобуд кардан хост, ба исроилиён фармуд, ки ҳар як оила барраеро кушта бо хунаш болодарии хонаашро бимолад. Хуни барра барои фариштаи Худованд нишонаи бовари онҳо буд, зеро ҳангоме вай дар дари хона хунро медид, аз пеши он гузашта мерафт ва он хонавода аз фалокати ҳалокатовари Ӯ саломат мемонд.

Инчунин бояд падару модар ва бародару хоҳарони Роҳоб низ дар хонааш ҷамъ мешуданд (Еҳушаъ 2:18). Касе ки берун аз ин хона буд, ҳангоми торумори шаҳр нобуд гашт. Ин ҷо ҷавобгарӣ барои бовари шахсӣ тасвир мешавад. Одам бо сабаби боваркарда будани падару модараш ё бародараш наҷот намеёбад, зеро Худо бовари шахсии ҳар як одамро алоҳида месанҷад.

Чӣ тавре ки **танҳо дар хонаи Роҳоб** наҷот ёфтан мумкин буд, ҳамин тавр одам ҳоло **танҳо дар Исои Масеҳ** наҷот ёфта, аз доварии Худо раҳо ёфта метавонад.

Ин ҳикоя инчунин ба мо саргузашти Нӯҳро хотиррасон мекунад (Ҳастӣ боби 7). Он вақт аз миллионҳо одамони рӯи замин танҳо ҳашт нафари онҳо наҷот ёфтанд. Онҳо боваркардагоне буданд, ки бар хилофи ҳар гуна “хирад” пеш аз сар задани тӯфони об дар киштии Нӯҳ ҷамъ омаданд.

Инчунин мо медонем, ки Худованд Исои Масеҳ ба наздикӣ омада одамонро доварӣ мекунад ва он вақт барои бовар овардан хеле дер хоҳад буд (Ваҳй 3:11).

## Саволҳо ба гурӯҳ

- Оё одамоне мавҷуданд, ки шумо умуман, аз рӯи ақидаи худ, бо онҳо муносибат намекунед?
- Оё кадом мавқеи ҷамъиятиро ишғол намудани касе ба мо муҳим аст?
- Оё Роҳоб боваркарда буд?
- Оё мо боварӣ дорем, ки Худо бо боваркардагони дар гузашта фосиқ кор карда, онҳоро дигаргун месозад?
- Барои чӣ Худо Роҳобро барои дурӯғ ҷазо надод?
- Ҷосусон бо кадом мақсад ба хонаи Роҳоб даромаданд?
- Роҳоб ва аҳли оилааш ба кадом тариқ наҷот ёфта метавонистанд?
- Мо чӣ тавр рамзҳои дар ин ҳикоя овардашударо (арғамчини сурх, гузариши фаришта дар Миср, киштии Нӯҳ) ба бовари худ нисбат дода метавонем?
- Оё шумо ба бозгашти Худованд Исои Масеҳ тайёред?

ДАРСИ НӮҲУМ

# Дебӯрои довар

**Порчаҳои Навишта барои хондан:** Доварон боби 4 ва 5:1,7

Дар зимни ин фосилаи вақт исроилиҳо як қисми сарзамини Канъонро ишғол намуда буданд. Худо онҳоро аз биёбон баровარда, ба онҳо вафодор буд. Вале насли баъдинаи онҳо аз бовар ба Худои яккаву ягона рӯ тофтанд. Ин дар он зоҳир шуда буд, ки онҳо ба худоёни халқиятҳои сарзамини Канъон рӯ оварда, ба бутпарастӣ даст заданд. Барои тарбия намудани халқи Худ Худованд бар зидди онҳо душманонро мефиристод, то онҳоро ғасб намоянд. Бадбахтӣ халқро дубора ба роҳи дуруст бармегардонд. Исроилиҳо тавба карда, барои наҷот ба Худованд муроҷиат мекарданд. Дар натиҷаи тавбаи халқ Худо фиғони онҳоро шунида, боз наҷот медод. Бо вуҷуди ин баъд аз муддати якчанд сол халқи Худо боз аз бовари ҳақиқӣ рӯ мегардонд. Чунин падида дар таърихи халқи Исроил беҳисоб такрор мешуд. Ин дар китоби Доварон хуб аён мегардад ва ҳикоя дар бораи Дебӯро яке аз ҳикояҳои ин китоб аст.

## Зане ки таъсири калон дошт

Ҳолати рӯҳии халқи Исроил ниҳоят бад шуда буд. Худо як зани дар бовар мустаҳкамеро чун довар интихоб намуд ва ин бо сабаби он буд, ки ягон марди

муносибе ёфт нашуд. Халқи Худо 20 сол дар зери зулму ситами душман қарор дошта, касе ёфт нашуд, ки бар зидди душман бархезаду онро шикаст диҳад ва танҳо Дебӯро ба ин кор муносиб гашт.

Аз Навишта мо мебинем, ки ба ҳамаи ин нигоҳ накарда Дебӯро барои соҳиб шудан ба мақоме ки он вақт ба мардон тааллуқ дошт, даъво намекунад. Пеш доварон дар назди дарвозаҳои шаҳр, ҷое ки пирон ҷамъ меомаданд, рафта доварӣ мекарданд. Вале Дебӯро ба иҷрои ин вазифа дар кӯҳи Эфроим, таги дарахти хурмо шурӯъ намуд (Доварон 4:5). Худованд мехост, ки вайро маҳз дар ҳамин ҷо истифода барад ва одамони маслиҳатҷӯ барои маслиҳат дар гирди ӯ ҷамъ оянд. Бороқ танҳо пас аз он ки Дебӯро ӯро ба назди худ даъват кард, ба назди вай омад. Дебӯро роҳнамои рӯҳонӣ буда, медонист, ки Бороқ бояд барои Худованд одамонро ба ҷанги зидди душман ҷамъ кунад (Доварон 4:6). Мо боз мебинем, ки Дебӯро худро аз мард баланд намегирад. Саволи вай чунин садо медиҳад: "Оё ба ту Худованд нагуфтааст, ки ...?" Дебӯро ба Бороқ ҳамчун ба шахсе муроҷиат мекард, ки эътибори Худоро дорост. Мард сардори зан бошад ҳам, сардори мард Худо аст (1Қӯринтиён 11:3).

Амали ҷавобии Бороқ бештар сазовори шарм аст: "Агар ту бо ман биравӣ, меравам, вале агар бо ман наравӣ, намеравам" (Доварон 4:8). Чавоби Дебӯро дар ин ҳолат аҳамияти калон дошт, зеро агар вай не мегуфт, Бороқ ба мубориза барнамехост. Мо низ инчунин ба одамони гирду атроф (шавҳар, фарзандон, бародару хоҳарон ва шиносони худ) таъсир расонда метавонем, ҳатто агар онҳо мисли Бороқ ошкоро амал ё баёни фикр карда наметавонанд. Он чи мо мегӯем, бе

ҳосил нахоҳад монд. Мо бояд бодиққат бошем, ки маслиҳатамон дар Навишта асос ёфта бошад!

Дебӯро Бороқро барои мубориза ҷасорат мебахшад: "Бархез, зеро имрӯз рӯзест, ки Худованд Сисроро **ба дасти ту**...". Агар зан ба дигаргун шудани шавҳараш, ки худро таъминотчии асосии оила ҳис намекунад, ёрӣ надода, фақат вайро таъна зада: "Агар ман мард мебудам, ҳеҷ гоҳ чунин латта намешудам" гӯяд, ин фоидаовар нахоҳад буд. Вале агар зан ба шавҳараш аён кунад, ки ба ӯ дар иҷрои вазифа ёрӣ расондан мехоҳад, вазъият дар чунин ҳолат дигар хел сурат хоҳад гирифт. Мо аз Навишта мехонем, ки шавҳар кадом вазифаҳоро дорост ва зан ӯро дар ин чӣ тавр бояд **дилбардорӣ** кунад (Ғалотиён 5:13).

Чунин падидаро дар муносибати модар ба фарзандон низ мушоҳида кардан мумкин аст. Аксар вақт модарон нодуруст рафтор намуда ба кӯдакон мегӯянд, ки онҳо беақланд ва аз ӯҳдаи ягон кор намебароянд. Кӯдак аз чунин муносибат рӯҳафтода мегардад. Мо бояд, баръакс, кӯшиш ба харҷ дода бо ғамхорӣ фаҳмонем, ки барои чӣ ин ё он корро дигар хел кардан лозим аст. Ба ҷои камбудии кӯдакро ёфта ислоҳ намудан, хубаш ӯро дар он чизе ки аз ӯҳдааш мебарояд, таъриф намоед.

Аксар варзишгарон аз таҷрибаи шахсӣ медонанд, ки ҳангоме дар мусобиқаи даводавӣ нафастанг шуда, барои то ба хати марра давидан қувваташон аллакай маҳдуд мегашт, садои дилбардорикунандаи ҳаводоронро шунида рӯҳбаланд мешуданд ва ҷасурона то ба охир медавиданд. Шумо низ чунин "ҳаводор" бошед, то дигаронро дар "мусобиқаи даво-давӣ ба сӯи осмон" шавқманд гардонда, онҳоро рӯҳбаланд созед

(Ибриён 12:1). Лекин мо набояд ҷалолро ба худ нисбат диҳем, зеро “мусобиқаро” на ҳаводор, балки варзишгар ба анҷом мерасонад. Дебӯро ҳангоми муборизаи натиҷабахш бисёр ёдовар намешавад (Доварон 4:12). Дар ояти 12 сухан танҳо дар бораи Бороқ меравад ва ин тасодуфӣ нест. Бисёр вақт дилбардорӣ меҳнати назарнорас ва камқадр мебошад, вале мо бояд дар ёд дошта бошем, ки мукофоти ҳақиқӣ моро дар осмон интизор аст.

## Нақшаи Худо барои ҳаёти ман

Дебӯро шавҳардор буд, вале мо дар бораи шавҳари ӯ танҳо он чиро медонем, ки номаш Лапидӯт буд (Доварон 4:4). Дар бораи боваркарда будан ё набудани Лапидӯт ҳеҷ чиз навишта нашудааст. Эҳтимол, вай барои довар будан нисбат ба занаш камтар муносиб буд.

Дар дарси якум мо муайян намудем, ки Худо занро ҳамчун “мададгори мард” муқарар кард (Ҳастӣ 2:18). Зан бояд ба худ ӯҳдадории ба шавҳараш дар корҳои вай мадад расонданро гирад. Бо вуҷуди он ин фақат қисмест аз нақшаи Худо барои ҳаёти оилавии зан. Албатта, Худованд нисбати зан мақсадҳои муайянро дорад. Зан дар назди Худованд ҷавобгарӣ дорад, ки зиндагии худро бо кадом роҳ равона месозад. Эҳтимол, шумо зани шавҳардор ва дорои фарзанд бошед. Зан дар пеши Худованд дар қатори дигар вазифаҳо инчунин дигар вазифаи муҳиме дорад, ки тарбияву нигоҳубин намудани фарзандони худ мебошад. Дар 1Қӯринтиён 10:31 гуфта мешавад, ки ҳар

чизе ки мо мекунем, бояд ҳамчун барои Худо ба ҷо оварем.

Инчунин мумкин аст, ки мо вазифаҳои дигарро низ ба ҷо овардан мехоҳем. Одатан дар мо хоҳиши гарме пайдо шуда, моро ба иҷрои ягон кор водор месозад. Масалан, бо ин сабаб мо мехоҳем, ки ба мактаби илоҳии бачагона ёрӣ расонем, ё бо хушнудӣ бародарону хоҳарони беморро хабар гирифта, барояшон вақти бисёреро ҷудо намоем, ё худ ба занони ҳамсоя хушхабар расонем. Вале ин метавонад танҳо хоҳиши мо бошад, зеро хоҳишҳои мо на ҳама вақт ба хости Худо мувофиқанд, бинобар ин мо бояд онҳоро доимо тафтиш намоем. Инчунин хоҳишҳои мо метавонанд ба ёрдамчии мард буданамон халал расонанд. Набояд фаромӯш кард, ки вазифаи аввалиндараҷаи мо мададгори мард будан аст!

## Ёил зани бетарсу бенуқсон

Сисро, сарлашкари душман ба ҳарос афтод ва шармандавор қӯшун ва аробаҳои ҷангии худро партофта гурехта рафт. Сипас гӯё ёрдаме ҳангоми зарурат, яъне Ёил – зани Ҳобар меояд. Ёил назар ба сарлашкари душман донотар буд. Вай Сисроро ба хонаи худ даъват намуда, ба ӯ шир нӯшонид, то ки хоболуд гардад (Доварон 4:19). Сисро аз роҳпаймоӣ хеле монда шуда буд ва фаќат хобидан мехост. Вай дар ҳарос аз Ёил хоҳиш мекунад, ки агар касе назди дар омада ӯро пурсуҷӯ кунад, ҷавоби бардурӯғ диҳад (Доварон 4:20). Ёил вазъиятро зуд сарфаҳм рафт: ӯ мехи хаймаро кашида гирифт ва бо болға онро ба сари

сарлашкар кӯфт. Сисро дар як лаҳза нобуд гашт — чӣ саҳнаи даҳшатовар!

Ба воситаи қасоси Ёил мо мефаҳмем, ки то ба кадом дараҷа гуноҳ дар назди Худо бад аст. Сисро гуноҳкор буд, зеро зидди халки Худо бархост ва барои ин сазовори марг гашт. Вале ин фоҷиа набояд моро водор созад, ки мо низ мисли Ёил ба сари душман мех зада, вайро нобуд созем. Дар Матто 5:44 гуфта мешавад, ки мо бояд душманонамонро дӯст дорем. Вале мо душманоне дорем, ки бар зидди онҳо ҳақиқатан мубориза бурдан лозим аст: зинокорӣ, фикрҳои бад, бетартибӣ, бутпарастӣ (чизҳо ва одамоне ки аз Худо бештар шуморида мешаванд), душманӣ, мунозира, ҷанҷол, рашк, хашм, ҷудоиандозӣ, бахилӣ, бадмастӣ ва **корҳои ҷисм**, ки дар Ғалотиён 5:19-21 баён шудаанд. Мо дар муборизаи рӯҳонӣ мебошем. Эфсӯсиён 6:11,12 моро даъват мекунад, ки барои бар зидди қувваҳои бадӣ мубориза бурдан зиреҳи* куллии Худоро дар бар кунем. Душмани мо гуноҳ ва шайтон мебошанд. Сипас дар **Эфсӯсиён 6:13-17** чӣ будани зиреҳи куллии Худоро хонед. Мо бояд донем, ки муборизаи мо дар ҳаёти масеҳӣ на бар зидди гуноҳкорон, балки бар зидди гуноҳ, маҳз бар зидди гуноҳ аст.

## Саволҳо ба гурӯҳ

- Дебӯро кист? Дар ин ҳикоя вай кадом нақшро иҷро намуд?
- Маслиҳатҳои мо ба атрофиёнамон чӣ гунаанд?

*Зиреҳ – сарулибоси ҷангӣ.

- Мо ба атрофиёни худ чӣ гуна таъсир мерасонем? Чӣ тавре ки Худо мехоҳад?
- Ҳангоме моро низ лозим меояд, ки ягон бародари масеҳиро раҳнамун созем, оё мо ба фармудаи Худо оиди мавқеи зан итоаткорем? Инро чӣ тавр ба ҷо овардан мумкин аст?
- Нақшаи Худо оиди ҳаёти ман гуфта, шумо чиро мефаҳмед?
- Шумо зиддияти байни вазифаи худ ва дастгирӣ намудани шавҳаратонро чӣ тавр ҳал мекунед?
- Шумо дар бораи рафтори Ёил чӣ гуна фикр доред? Оё Сисроро куштани ӯ дуруст буд?
- Имрӯз мо бо душманони худ чӣ тавр рафтор мекунем? Мо чӣ гуна яроқ дорем?

ДАРСИ ДАҲУМ

# Абиҷайл - зани бохирад ва зебо

**Порчаҳои Навишта барои хондан:** 1Подшоҳон боби 25; 1Вақоеънома 3:1

Замони доварон дар Исроил ба давраи шоҳигарӣ иваз гашт. Халқи Худо мехост ба монанди дигар халқҳо подшоҳ дошта бошад. Худо ба онҳо Шоулро, ки аз нуқтаи назари одамӣ тамоми нишонаҳои шоҳонаро доро буд, дод. Аммо ӯ боваркарда набуд ва мувофиқи талаботи Худо ҳукмронӣ намекард. Ҳангоме халқ дар тахти ҳукмронии ӯ азият мекашид, Худо Довуд ном чӯпонбачаеро ба подшоҳӣ интихоб намуд. Вале пеш аз он ки ҷои қонунии худро гирифта тавонад, ӯ мебоист муддати дароз аз шоҳи бадхашм Шоул пинҳон мегашт. Довуд бо 600 мард дар биёбон дар гурез буд. Дар он ҷо ӯ чӯпонони Ноболро посбонӣ мекард.

## Зани бохирад

Навишта дар ин ҳикоя ба мо аввал хусусиятҳои Абиҷайл ва баъд Ноболро тасвир мекунад (1Подшоҳон 25:3). Абиҷайл ниҳоят бохирад буда, намуди зебо дошт. Дар давоми ин ҳикоя мо инчунин мефаҳмем, ки Абиҷайл боваркарда буд (оятҳои 28-30). Аҷдоди шавҳараш, Колеб, ки дар ояти 3 баён шудааст, одами ниҳоят худотарс буд (ба Такрори шариат 1:36 нигаред). Бо вуҷуди ин мо аз рафтори Нобол тез пай мебарем, ки ҳаёти ӯ аз бовар ба Худо дур буд. Инчунин дар ӯ

ақидаи рӯҳонӣ вуҷуд надошт. Ӯ дар бораи Довуд нописандона сухан ронда, ӯро чунон тасвир мекард, ки гӯё вай шахси нобакор бошад (ояти 10). Он ки Довуд бо ҳамроҳонаш чӯпонони ӯро муҳофизат менамуд ва нисбати вай нек рафтор мекард, ба Нобол таассуроте нагузошт (ояти 15).

Абиҷайл бошад дарк намуд, ки Довуд интихобшудаи Худост. Вай бо вуҷуди сарватманд буданаш пеши пойҳои Довуд афтода, пешвои ҷавонро "хӯҷаинам" меномад (ояти 24,28). Худованд андозаҳои дигар дорад. Моро бойигарӣ, мартаба ва дигар чизҳои зоҳирӣ зуд таассурот мегузоранд, вале Худо дигар аст. "...одам фақат он чиро, ки ба чашм намоён аст, мебинад, вале Худованд он чиро, ки дар дил аст, мебинад" (1Подшоҳон 16:7). Худованд мехоҳад, ки мо таълим ёбем ва чизҳои зоҳирӣ моро нобино насозанд. Мо бояд ҳама одамонро як хел қабул намуда, байни онҳо фарқият нагузорем (Яъқуб 2:2-4). "Гӯш диҳед, эй бародарони маҳбуби ман: оё Худо камбағалони оламро интихоб накардааст, ки сарватдор дар имон ва ворисони Малакуте бошанд, ки онро Ӯ ба дӯстдорони Худ ваъда кардааст?" (Яъқуб 2:5).

## Муборак бод хиради вай!

Абиҷайл дурандешӣ менамояд. Вай на танҳо ҳалок гардидани чӯпононашро намехост, балки инчунин барои номи неки Довуд ғамхорӣ намуд (ояти 30). Дар ин ҷо Худованд занро барои наҷот додани бисёр одамон ва махсусан аз хатокорӣ эмин доштани Довуд истифода бурд. Қасосгирӣ метавонист ба Довуд зарар оварад, зеро он на шарафи Худованд, балки

мақсадҳои шахсиро пай мебурд. Довуд хатоашро дарҳол эътироф намуд (ояти 33). Мо аз Навишта оварда будем, ки қасосро бояд ба Худованд ҳавола кунем, зеро Ӯ интиқом мегирад (**Румиён 12:19-21**). Пас аз он ки Довуд инро фаҳмида, қасоси худро ба Худованд ҳавола кард, Худованд баъд аз 10 рӯз Ноболро зарба зад ва ӯ мурд.

## Ба Худо бояд итоат кард, на ба одамизод

Рафтори нодурусти шавҳар Абиҷайлро аз ҷавобгарӣ озод намекард. Шавҳари вай нобовар буда, ғайрирӯҳонӣ рафтор мекард. Абиҷайл ҳамчун боваркарда ҳуқуқи дар чунин вазъият ҳеҷ чора наандешида шиштанро надошт.

Асосан аз рӯи қоидаи илоҳӣ зан бояд таҳти итоати шавҳараш бошад (Эфсӯсиён 5:24). Вале набояд фаромӯш кард, ки мард низ махлуқи ба гуноҳ ғалтида буда (Ҳастӣ боби 3), рафторҳои нокомил содир мекунад. Ҳангоме ки шавҳар нобовар аст, ин байни ӯ ва зани боваркардааш ихтилофоти зиёде ба вуҷуд оварда, муносибатҳои никоҳро боз ҳам душвортар мегардонад. Ҳатто дар чунин ҳолат ҳам зан метавонад ба шавҳараш итоат намуда, ӯро ба ин тариқ тобеи Сухани Худо гардонад (1Петрус 3:1). Аммо ҳангоме ки шавҳар бар зидди хости Худо ё халқи Ӯ (боваркардагон) амал мекунад, занаш дар чунин ҳолат ҳуқуқи ба ӯ зид баромаданро дорад (**Аъмол 5:29**). Абиҷайл инро фаҳмид. Вай бар хилофи хости шавҳараш ба Довуд хӯроки бисёре (200 нон ва 5 гӯсфанди пухташуда ва ғ.) овард.

Абиҷайл инро аз шавҳараш пинҳонӣ кард, зеро медонист, ки агар вай фаҳмад, ӯро фош намуда, аз ин амал бозмедорад. Худованд мегӯяд, ки мо бояд зирак бошем: “Пас, мисли морон зирак ва мисли кабӯтарон содда бошед” (Матто 10:16). Инчунин ба қисми дуюми ин ҷумла диққат диҳед. Абиҷайл баъд аз вохӯрӣ бо Довуд ба хонаи шавҳараш бармегардад (ояти 36). Ӯ саҳарро интизор мешавад, то ин ки шавҳараш то он вақт аз мастӣ ҳушёр гардад. Ин рафтори “мисли кабутарон содда” мебошад, чунки Абиҷайл дуруст рафтор карда, мехоҳад, ки ба шавҳараш ҳангоми ҳушёр шудани вай ҳамаро нақл кунад. Ӯ тавонист, ки бе гуноҳ нисбати шавҳараш ба Довуд ва чӯпонони худ ёрӣ расонад.

## Исёнгар бевазани хушрӯйро ба занӣ мегирад

Нобол мурд. Зани вай, эҳтимол, бефарзанд буд ва бо сарвати калон бева монд. Абиҷайл метавонист ҳаёти хуб гузаронад, вале бо вуҷуди ин ӯ роҳи душвореро бо ояндаи номаълум пеш гирифта, ба Довуд ба шавҳар мебарояд. Ӯ медонист, ки Довуд интихобшудаи Худо буд. Хизмати вай ба Довуд ба мо як манзараи таассуротбахшеро тасвир мекунад (ояти 41). Абиҷайл бо худ ба ғайр аз панҷ канизак ва хари худ дигар хеҷ чиз гирифта наметавонист, зеро ӯ мебоист ҳоло бо Довуд ва ҳамроҳонаш дар гурез зиндагӣ кунад. Одатан мо барои худ роҳи осонро интихоб мекунем, вале аксаран дар ҳаёти масеҳии мо роҳи душвор рост меояд. Мо бояд роҳи худро бо

Навишта санҷем! Мутаассифона 1Подшоҳон 25:43 ба шиносоии аҷоиб ва оиладоршавии ҳар дуи онҳо доғе мепартояд (ба дарси дуюм, сарлавҳаи “Оё 1+2 = 2 аст?” нигаред.

## Саволҳо ба гурӯҳ

- Боваркарда будан ё набудани Абиҷайл ваНоболро мо аз куҷо мефаҳмем?
- Амали ҷавобии Абиҷайл ба хабари шунида, ки дар ояти 14 баён шудааст, чӣ гуна буд?
- Хиради Абиҷайл чӣ гуна тасвир шудааст?
- Абиҷайл то чӣ андоза ҷавобгарӣ дошт?
- Мо Матто 10:16-ро чӣ тавр мефаҳмем? Мо чӣ тавр ин оятро ба Абиҷайл нисбат дода метавонем?
- Оё мо аз чизҳои зоҳирӣ нобино гаштаем? Чӣ тавр мо ба сарулибоси қиматбаҳо, зару зевар, хонаҳои боҳашамат, хӯроки дабдабанок муносибат мекунем?
- Барои чӣ Худованд Ноболро ҷазо дод ва ӯ пас аз даҳ рӯз мурд?
- Оё мо, боваркардагон, ҳуқуқи қасос гирифтанро дорем? Чӣ тавр мо бояд ба қасос муносибат кунем?